ЁҲАҚӢ: «ШОҲНОМА» СИПАРИ ФАРҲАНГИИ МОСТ! с. 11
МУҲОҶИРОН БА РУСИЯ БЕШТАР ДАРОМАД ОВАРДАНД с. 2
КУВАЙТ ДАР ДУШАНБЕ САФОРАТ БОЗ КАРД с. 7

# ТОҶИКИСТОН

№ 37 (1701), 16.09.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост!



# ОСИЁИ МАРКАЗӢ - ҶУМҲУРИИ КОРЕЯ

## 3 самти муҳими ҳамкорӣ







## ДАР ИН ШУМОРА:

**$ 7,94 МЛРД**
Бештар мефурӯшем ё мехарем? с.5

**НЕРӮГОҲҲОИ ОФТОБӢ**
Чин дар Тоҷикистон месозад с.2

**ИТТИҲОДИ АВРУПО**
Шабакаҳои иҷтимоиро манъ мекунад с.4

**ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ**
Аз Самарқанд то саҳнаҳои ҷаҳон с.6

**ДОРО НАҶОТ**
Аз шеъри нимой то шеъри дорой с.13

**АФҒОНИСТОН**
6 млн муҳоҷири афғон баргаштаанд с.4

**БОЗИҲОИ ОСИЁ**
107 варзишгар Тоҷикистонро намояндагӣ мекунанд с.15

**КАНЗИ ШИФО**
Бонги изтироб аз рехтани мӯйи сар с.12

## ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,** Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ, академик

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,** раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,** муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,** Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,** академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,** Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд



*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*



*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашриёҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои қолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*



**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.


# ЧИН ДАР ТОҶИКИСТОН НЕРӮГОҲҲОИ ОФТОБӢ МЕСОЗАД

**Ширкати «LONGi»-и Чин барои бунёди нерӯгоҳҳои офтобӣ дар Тоҷикистон сармоягузорӣ менамояд.**

Масъалаи бунёди нерӯгоҳҳо ва дигар масоили марбут ба соҳаи энергетика дар мулоқоти вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон Далер Ҷумъа бо намояндагони ширкати «LONGi»-и Чин дар шаҳри Душанбе баррасӣ шуд.

Бино ба иттилои Вазорати энергетика, дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои вобаста ба роҳандозии ҳамкорӣ дар самти энергетика, аз ҷумла имкониятҳои ҷалби сармоягузорӣ барои бунёди нерӯгоҳҳои барқи офтобӣ дар Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Кикот:

# МУҲОҶИРОН БА РУСИЯ БЕШТАР ДАРОМАД ОВАРДАНД

**Дар ним сол аз ҳисоби муҳоҷирон ба буҷети Русия 321 миллиард рубл ворид шудааст, ки нисбат ба як соли пеш 30% зиёд мебошад.**

Ин нуктаро Андрей Кикот, муовини аввали вазири корҳои дохилии Русия дар вохӯрӣ бо Владимир Путин, президенти Русия зикр кард.

Ба гуфтаи ӯ, аз ин маблағ, зиёда аз 60 миллиард ба буҷети федералӣ ва зиёда аз 260 миллиард рубл ба буҷетҳои минтақавӣ ворид шудааст. Қисми зиёди маблағ аз ҳисоби иҷозаи кор ва ё патент ворид шудааст.

Кикот дар идома иттилоъ дод, ки ҳар сол тақрибан 9 миллион шаҳрванди хориҷӣ бо мақсадҳои гуногун ба Русия меоянд. Ба гуфтаи ӯ, дар як вақт дар қаламрави ин кишвар аз 6 то 6,5 миллион хориҷӣ қарор доранд, ки тақрибан 3 миллион нафари онҳо муҳоҷирони меҳнатӣ, 1,7 миллион аъзои оилаҳои онҳо ва тақрибан 1 миллион, аз ҷумла сайёҳӣ, омӯзиш ва касоне, ки бо мақсадҳои хусусӣ меоянд.

Ҳамчунин, муовини вазир аз афзоиши муҳоҷирати меҳнатии қонунӣ хабар дод. Ба иттилои ӯ, агар пештар ин нишондиҳанда 45% аз шумораи умумӣ буд, ҳоло он ба 50% расидааст.

# ДУШАНБЕ МИЗБОНИ ФЕСТИВАЛИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Аз 21 то 26-уми октябр дар шаҳри Душанбе VIII-умин Фестивали байналмилалии театрҳои лӯхтаки «Чодари хаёл» баргузор мегардад.**

Дар фестивал театрҳои лӯхтаки Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Беларус, Ҳиндустон, Чин ва Муғулистон иштирок хоҳанд кард. Тоҷикистонро театрҳои лӯхтаки Бӯстон, Бохтар ва Душанбе намояндагӣ мекунанд. Театри лӯхтаки Душанбе намоишномаи миллӣ дар бораи таърих, фарҳанг ва анъанаҳои мардуми тоҷикро пешкаши тамошобинон менамояд. Ёдовар мешавем, ки фестивали мазкур аз соли 2007 дар кишвар ҳар ду сол як маротиба баргузор мешавад.



*Нигина Ализода, муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# МУАРРИФИИ ДАСТОВАРДҲОИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВЕНА

**Дар шаҳри Вена дар доираи 70-умин Конфронси генералии Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ (АБНА) муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нигина Ализода дар Форуми илмии «Шуоъҳои умед: татбиқи ваъдаи кумаки саратоншиносӣ» иштирок намуд.**

Муовини вазир дар форум оид ба дастовардҳои Тоҷикистон дар самти табобати шуоӣ ва саратоншиносӣ, инчунин ҳамкорӣ дар доираи «Барномаи миллии Тоҷикистон бо Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ барои солҳои 2025-2030» маълумот манзур намуд.

Ҳамчунин, омодагии Тоҷикистон барои табодули таҷрибаи пешрафта, тавсеаи шарикии байналмилалӣ дар самти рушди кумаки муосири саратоншиносӣ, бехатар ва дастрас таъкид гардид.

Гуфта шуд, ки таҷрибаи Тоҷикистон бо ташаббуси «Шуоъҳои умед» ба таъмини дастрасии баробари аҳолӣ ба хизматрасонии босифати тиббии марбут ба он созгор аст.

## САРИ САБЗ



**Мадина НЕЪМАТОВА,**
**блогнависи тоҷик**

**- Вақте дар олами маҷозӣ зиндагии “идеалӣ” нишон дода мешавад, корбарон онро ҳамчун меъёр қабул мекунанд. Ин интизорӣ баъдан метавонад аз равзанаи шабакаҳо берун бароял ва мард аз ҳамсар ... талаб кунад, ки аз шавҳар ғофил намонад ва аз хастагӣ шикоят накунад.**

*- Э офарин, хаста нашавед, ҳамин гуна зиндагии “идеалӣ”-ро дар олами маҷозӣ нишон додан гиред, савоби чандин мардҳоеро, ки ҳамсаронашон ғофил мондаанду пайваста шикоят мекунанд, мегиред.*



**Хуршед АТОВУЛЛО,**
**рӯзноманигори тоҷик**

**- Баъзе доираҳо мехоҳанд, ки блогерҳоро ҷойгузини рӯзноманигор кунанд, чунки ин тоифа “безарартар” ва идорашавандаанд. Вақте дар афкори омма блогер вазифаи рӯзноманигорро мегирад, доираҳое ором мегиранд, касе ба онҳо кор намегирад ва ҳар кореро мехоҳанд, мекунанд.**

*- Не, баръакс, доираҳое, ки ин тоифаро “безарартар” меҳисобанд, то ҷойе хато мекунанд. Блогерҳо аз рӯзноманигорон безарартар нестанд, барои ҳамин, ҳатман бояд идора карда шаванд.*



**Фаридун МУХТОРОВ,**
**блогери тоҷик**

**- Шарҳҳои манфӣ ҳама вақт буданд, ҳастанд ва мемонанд. Аввал аз ин чиз тарс доштем, ҳоло бошад, умуман аҳаммият намедиҳем. Агар дар шарҳҳо аз сарҳади одамгарӣ гузаранд, корбарро масдуд мекунем, тамом. Илоҷи дигар нест.**

*- Аммо агар теъдоди бештару муҳими корбарон аз сарҳади одамгарӣ гузаранд чӣ? Он вақт чӣ кор мекунед? Маҷбур мешавед фаъолиятро бе чуну чаро қатъ намуда, ба ягон кори даромадноки дигар машғул шавед. Илоҷи дигар нест.*

# ОСИЁИ МАРКАЗӢ - ҶУМҲУРИИ КОРЕЯ

## 3 самти муҳими ҳамкории Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ муайян шуд

**16-уми сентябр дар Сеул нахустин Ҳамоиши сарони давлатҳо дар қолаби «Осиёи Марказӣ - Ҷумҳурии Корея» баргузор гардид. Ин нишаст барои ҳамкориҳое, ки қариб ду даҳсола дар сатҳи муовинони вазир ва баъдан вазирони корҳои хориҷӣ идома доштанд, марҳалаи нав боз кард. Ҳамчунин, дар доираи сафари расмии Президенти Тоҷикистон мулоқотҳои сатҳи баланд анҷом шуда, шартномаҳои нав ба имзо расиданд.**



*I. «Осиёи Марказӣ - Корея»*

### АЗ ВАЗИРОНИ КОРҲОИ ХОРИҶӢ БА САТҲИ САРОНИ КИШВАРҲО

Қолаби «Осиёи Марказӣ - Ҷумҳурии Корея» таърихи қариб 20-сола дорад. Нахустин Форуми ҳамкорӣ соли 2007 бо ташаббуси Сеул дар сатҳи муовинони вазирони корҳои хориҷӣ таъсис ёфт. Соли 2017 барои таъмини фаъолияти доимии он дар назди Бунёди Корея Котиботи махсус таъсис дода шуд ва соли 2020 форум ба сатҳи вазирони корҳои хориҷӣ бароварда шуд.

Ҳамоиши 16-уми сентябр ин равандро ба сатҳи сарони давлатҳо расонд.

### ЧАРО МАҲЗ ҲОЛО?

Посухро бояд дар тағйири аҳаммияти геоиқтисодии Осиёи Марказӣ ҷуст. Панҷ кишвари минтақа дар маҷмӯъ тақрибан 80 миллион аҳолӣ доранд, аз захираҳои бузурги энергетикӣ ва маъданӣ бархӯрдоранд ва дар масири пайвасткунандаи Осиёи Шарқӣ бо Аврупо ҷой гирифтаанд. Ҳукумати Корея низ Осиёи Марказиро ҳамчун минтақаи муҳим барои маъданҳои стратегӣ, энергетика, занҷираҳои таъминот ва долонҳои нақлиётӣ арзёбӣ мекунад.

Тибқи таҳлили Институти сиёсати байналмилалии иқтисодии Корея, ҳаҷми умумии тиҷорати Ҷумҳурии Корея бо панҷ кишвари Осиёи Марказӣ соли 2025 бори аввал аз 10 миллиард доллар гузашт. Дар пасманзари ҷанги Русияву Украина, мушкилоти занҷираҳои ҷаҳонии таъминот ва рақобат барои маъданҳои муҳим ИМА, Чин, Русия, Иттиҳоди Аврупо ва Ҷопон низ ҳамкориҳои худро бо Осиёи Марказӣ дар қолабҳои бисёрҷониба фаъолтар кардаанд.

Аз ин рӯ, Сеул меҳоҳад дар минтақа на танҳо ҳамчун таъминкунандаи технология ва сармоя, балки ҳамчун шарики дарозмуддат ҷойгоҳи худро мустаҳкам кунад.

### ШУКУФОӢ ВА ПАЙВАСТАГӢ

Нахустин ҳамоиши сарони кишварҳои Осиёи Миёна ва Кореяи Ҷанубӣ таҳти мавзуи "Тақвияти инноватсия, шукуфоӣ ва пайвастагӣ" баргузор шуд. Ҳукумати Корея пеш аз нишаст эълон карда буд, ки меҳварҳои асосӣ маъданҳои муҳим ва энергетика, амнияти занҷираҳои таъминот, зеҳни сунъӣ, технологияҳои рақамӣ, мубориза бо ҷинояткории фаромиллӣ ва робитаҳои инсонӣ хоҳанд буд.

Дар анҷоми ҳамоиш «Эъломияи Сеул» қабул гардид. Ҳамчунин санади ҳамкорӣ дар бахши саноат ва занҷираҳои таъминот ва ташаббуси шарикии Корея ва Осиёи Марказӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ, илм ва технология ба имзо расид.

Дар суханронии худ Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ҷониби дигари рӯзномаи минтақа, яъне обу иқлим таваҷҷуҳ кард. Ӯ тағйирёбии иқлим, камбудии оби тоза ва обшавии пиряххоро аз мушкилоте номид, ки бе ҳамкории кишварҳо ҳал шуданашон душвор аст.

Тоҷикистон ҳамчунин ба тавсеаи ҳамкории иқтисодӣ ва эҷоди занҷираҳои устувори таъминот миёни Осиёи Марказӣ ва Корея изҳори ҳавасмандӣ кардааст.

*II. Сафари расмии Президент*

### ИМЗОИ 15 САНАД

Эмомалӣ Раҳмон 15-уми сентябр бо сафари расмӣ вориди Сеул шуд. Рӯзи 16-уми сентябр ӯ бо Президенти Ҷумҳурии Корея Ли Ҷе Мён ва Сарвазири ин кишвар Ҳан Сон Сук мулоқот кард. Дар музокироти сатҳи олӣ доираи хеле васеи масъалаҳо - шурӯъ аз тиҷорату сармоягузорӣ, саноат ва энергетика то нақлиёт, логистика, рақамикунонӣ, зеҳни сунъӣ, муҳоҷирати корӣ ва сайёҳӣ баррасӣ шуданд. Натиҷаи сафари Президент имзои 15 санади нави ҳамкорӣ буд.

Онҳо ҳамкории гумрукӣ, ҳифзи моликияти зеҳнӣ, маориф, мубориза бо коррупсия, мониторинги молиявӣ ва муқовимат ба маблағгузории терроризм, саноат, роҳи оҳан, омодасозии кадрҳои нақлиётӣ, ҷангал ва иқлим, содирот, энергетика, хизмати давлатӣ ва ҳамкории мақомоти корҳои дохилиро дар бар мегиранд.

> **ДАР ҲАФТ МОҲИ СОЛИ 2026 ТОҶИКИСТОН АЗ КОРЕЯ БЕШ АЗ 144 МИЛЛИОН ДОЛЛАР МОЛ ВОРИД КАРДААСТ, АММО ТИБҚИ ОМОРИ НАШРШУДА ДАР ҲАМИН ДАВРА СОДИРОТ БА КОРЕЯ БА ҚАЙД ГИРИФТА НАШУДААСТ.**

### СЕ НУКТАИ МУҲИМ

Аз назари иқтисодӣ чанд санад махсусан муҳим мебошанд.

1. **Ёддошти Тоҷикистон бо KOTRA** - Агентии рушди тиҷорат ва сармоягузории Корея. Дар музокироти президентҳо масъалаи кушодани намояндагии KOTRA дар Тоҷикистон низ ҷонибдорӣ шудааст. Ҳузури доимии чунин ниҳод метавонад барои пайдо кардани сармоягузор, муаррифии маҳсулоти Тоҷикистон ва барқарор намудани робитаи мустақим байни ширкатҳо аҳаммияти бештар аз як ёддошти маъмулӣ дошта бошад. Зеро дар савдои ду кишвар ҳоло номутаносибии хеле калон вуҷуд дорад. Дар ҳафт моҳи соли 2026 Тоҷикистон аз Корея беш аз 144 миллион доллар мол ворид кардааст, аммо тибқи омори нашршуда дар ҳамин давра содирот ба Корея ба қайд гирифта нашудааст. Аз ин рӯ, вазифаи оянда танҳо афзоиши гардиши мол нест, балки пайдо кардани молу маҳсулоти содиротии Тоҷикистон барои бозори Корея мебошад.

2. **Таваҷҷуҳ ба маъданҳои муҳим.** Моҳи август нахустин Форуми маъданҳои муҳими Тоҷикистону Корея баргузор шуд ва зимни сафари кунунӣ низ ба ин масъала таваҷҷуҳи вежа зоҳир шуд. Аз ҷумла, ҷониби Тоҷикистон бо ширкати кореягии SK Specialty масъалаи ташкили занҷираи истеҳсоли волфрам аз истихроҷ то маҳсулоти саноатиро баррасӣ кардааст. Ин ширкат волфрамро барои бахшҳои баландтехнологӣ, аз ҷумла саноати нимноқилҳо истифода мебарад. Барои Тоҷикистон арзиши чунин ҳамкорӣ танҳо дар содироти маъдан нест. Агар модели «аз истихроҷ то истеҳсол» амалӣ шавад, масъала ба коркарди дохилӣ, интиқоли технология ва таъсиси ҷойҳои корӣ мегузарад.

3. **Ҳамкорӣ дар бахши энергетика.** Ёддошти Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон бо Корпоратсияи энергетикии Корея (KEPCO) заминаи ҳуқуқии ҳамкории мустақимро васеъ мекунад. Барои кишваре, ки ният дорад иқтидори гидроэнергетикии худро афзоиш диҳад ва содироти неруи «сабз»-ро густариш диҳад, дастрасӣ ба таҷрибаи технологӣ ва сармояи Корея аҳаммияти амалӣ дорад.

### АЗ ДОНИШҶӮ ТО МУҲОҶИР

Дар доираи сафари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Кореяи Ҷанубӣ ҳамчунин ба чанд масъалаи дигари муҳим ишора шуд. Аз ҷумла ба парвозҳои мустақим миёни Душанбе ва Сеул. Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод кардааст, ки байни Тоҷикистону Корея хатсайри мустақими ҳавоӣ роҳандозӣ шавад. Ҳоло набудани чунин парвоз рафтуомади сайёҳон, донишҷӯён, соҳибкорон ва коргаронро мушкил мекунад.

Масъалаи дигар таҳсили донишҷӯёни тоҷик дар Корея аст. Президенти кишвар хостори афзоиши бурсияҳои Корея барои донишҷӯёни тоҷик, махсусан дар соҳаҳои IT, зеҳни сунъӣ, тиб, авиатсия ва муҳандисӣ шудааст.

Ва масъалаи бисёр муҳиме, ки Президенти Тоҷикистон ба он ишора кард, масъалаи муҳоҷирати корӣ мебошад. Дар мулоқот бо Сарвазири Корея масъалаи васеъ намудани муҳоҷирати меҳнатӣ ва содагардонии ин раванд матраҳ шуд. Дар нимаи аввали соли 2026 беш аз 100 шаҳрванди Тоҷикистон аллакай бо тартиби муташаккилона барои кор ба Корея рафта буданд.

### УМЕД БА ОЯНДА

Нахустин Ҳамоиши «Осиёи Марказӣ - Ҷумҳурии Корея» нишон дод, ки Сеул меҳоҳад ҳузури худро дар минтақа фаъолтар кунад. Вале кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон то кунҷо ба ҷунин як ҳамкории бисёрсамта омодаанд, инро вақт нишон медиҳад.

**О. НОЗИР**

# МАНЪИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ИТТИҲОДИ АВРУПО



**ИТТИҲОДИ АВРУПО ҚАРОР АСТ РӮЗИ 17-УМИ СЕНТЯБР ТАРҲИ ҚОНУНИ НАВЕРО БАРОИ МУҲОФИЗАТ АЗ КӮДАКОН ДАР БАРОБАРИ ОСЕБҲОИ ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ИРОА КУНАД. ТАРҲЕ, КИ МУМКИН АСТ ДАСТРАСИИ АФРОДИ ЗЕРИ 13 Ё 15-СОЛА БА ИН ШАБАКАҲОРО МАНЪ КУНАД.**

Ба гузориши хабаргузории "Франс-пресс", Урсула фон дер Ляйен, раиси Комиссияи Аврупо як рӯз пеш аз ироаи тарҳ маҳдудияти синнии пешниҳодиро дар Парлумони Аврупо эълон хоҳад кард.

Ин тарҳ бо унвони "Қонуни кӯдакони Иттиҳоди Аврупо" ҳамчунин ширкатҳоро вазифадор мекунад маҳсулоти худро ба шеваи тарҳрезӣ кунанд, ки шахсро вобаста накунад ва имкони истифодаи аз ҳад зиёд аз онҳоро аз байн барад. Ҳамзамон, ҳукумати Фаронса рӯзи 14-уми сентябр нусхаи ислоҳшудаи тарҳи манъи истифодаи афроди зери 15-сола аз шабакаҳои иҷтимоиро барои баррасӣ ба Комиссияи Аврупо ироа кард. Шурои Қонуни асосии Фаронса нусхаи қаблии ин қонунро дар миёнаҳои моҳи август бинобар маҳдуд кардани ғайризарурии озодии баён бекор карда буд. Нигарониҳо дар бораи таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба саломатии равонӣ ва ҷинсии кӯдакон дар кишварҳои мухталиф афзоиш ёфтааст. Австралия нахустин кишваре буд, ки истифодаи афроди зери 16-сола аз ин шабакаҳоро манъ кард.

# АМРИКО МАВҶУДИЯТИ СИЛОҲ ДАР МАДОРИ ЗАМИНРО ТАСДИҚ КАРД

**ИЁЛОТИ МУТТАҲИДА БАРОИ НАХУСТИН БОР БА ТАВРИ РАСМӢ ТАСДИҚ КАРД, КИ ДАР МАДОРИ ЗАМИН СИЛОҲҲОИ НИЗОМӢ МУСТАҚАР КАРДААСТ.**



Трой Мейнк, вазири Нерӯҳои ҳавоии ИМА рӯзи 14-уми сентябр зимни суханронӣ дар конфронси «Air, Space & Cyber» гуфт, ки нерӯҳои кайҳонии кишвар ҳоло «силоҳҳои назорати кайҳонӣ» дар мадор доранд, ки барои ҳимояи нерӯҳои муштарак аз амалҳои душманона пешбинӣ шудаанд. Мейнк навъи ин силоҳҳо, шумора ва замони ба мадор баровардани онҳоро ошкор накард. Коршиносон эҳтимол медиҳанд, ки ин воситаҳо метавонанд дорои қобилиятҳои ғайрикинетикӣ, аз ҷумла халалдорсозии алоқа ва сигналҳо бошанд. Аммо истифодаи воситаҳои дигар, аз ҷумла технологияҳои зиддимоҳворавӣ низ истисно нашудааст.

Ба гуфтаи мақомоти амрикоӣ, афзоиши чунин иқтидорҳо ба зарурати муқобила бо таҳдидҳои эҳтимолии Русия ва Чин марбут аст. Вашингтон ҳамзамон рушди низоми мушакии «Гунбади тилоӣ»-ро идома медиҳад, ки бахше аз имкониятҳои дифоии он ба технологияҳои кайҳонӣ такя мекунад.



# ҲУКМИ ҚАМЧИБЕК ТОШИЕВ САБУКТАР ШУД

**СУДИ ШАҲРИ БИШКЕК ҲУКМИ ҚАМЧИБЕК ТОШИЕВ, РАИСИ СОБИҚИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҚИРҒИЗИСТОН ВА ҲАФТ МАНСАБДОРУ СИЁСАТМАДОРИ ДИГАРИ ИН КИШВАРРО ТАҒЙИР ДОДА, ИТТИҲОМИ «ОМОДАГӢ БА ҒАСБИ ҲУКУМАТ БО РОҲИ ЗӮР»-РО АЗ ПАРВАНДА ХОРИҶ КАРДААСТ.**

Қарор рӯзи 10-уми сентябр дар мурофиае эълон шуд, ки журналистон ба толори он роҳ дода нашуданд. Суд амали муттаҳамонро аз моддаи марбут ба омодагӣ барои ғасби ҳукумат ба моддаи «монеъ шудан ба татбиқи ҳуқуқҳои интихоботӣ» тағйир дод. Барои ҳамаи ҳашт нафар мухлати назорати пробатсионӣ аз се ба ду сол кам карда шуд.

Дар ин парванда ғайр аз Қамчибек Тошиев, Прокурори генералии собиқ Қурмонқул Зулушев, раиси собиқи парлумон Нурланбек Турғунбек уулу, муовини собиқи вазири корҳои дохилӣ Курсан Асанов, собиқ муовини нахуствазир Аалӣ Қарашев, инчунин Бекболот Талгарбеков, Қурмонбек Диканбоев ва Эмилбек Узакбоев муттаҳам буданд.

Суди ноҳияи Якуми майи Бишкек рӯзи 2-юми июл онҳоро дар омодагӣ ба ғасби ҳукумат гунаҳкор дониста, ба чаҳор соли маҳрумият аз озодӣ маҳкум карда буд, вале нисбаташон пробатсия татбиқ шуд. Панҷ нафаре, ки аз моҳи феврал дар боздошт буданд, аз толори суд озод шуданд. Бархе аз муттаҳамон аз иттиҳоми сӯиистифода аз мақом сафед гардиданд.

Прокуратура дар марҳалаи таҷдиди назар баръакс талаб дошт, ки ҷазо сахттар шуда, муттаҳамон то 9 сол аз озодӣ маҳрум карда шаванд. Вакилони дифоъ бошанд, бегуноҳии зерҳимояҳои худро таъкид мекунанд ва ният доранд бахсро идома диҳанд.

Парванда бо номаи маъруф ба «Муроҷиати 75» бастагӣ дорад. Гурӯҳе аз сиёсатмадорон ва чеҳраҳои ҷамъиятӣ аз президенти Қирғизистон Содир Ҷабборов баргузории интихоботи пеш аз мухлати президентиро дархост карда буданд. Баъд аз он бархе аз имзокунандагон тахти таъқиби ҷиноӣ қарор гирифтанд.

# КАЛЛАИ ХУК ДАР НАМОЗИ ҶУМЪА



**ДАР ШАҲРИ КАУНАСИ ЛИТВА АМАЛКАРДИ ГУРӮҲЕ АЗ МОТОСИКЛСАВОРОН, КИ ҲАНГОМИ НАМОЗГУЗОРИИ ГУРӮҲИ ЗИЁДЕ АЗ МУСУЛМОНОН ДАР МАСҶИДИ ШАҲР САРИ БУРИДАИ ХУКЕРО БАРДОШТА НАМОИШ МЕДОДАНД, ҶАНҶОЛ БАРАНГЕХТ.**

Гуфта мешавад, ки ҳангоми намози ҷумъа дар рӯзи 11-уми сентябр дар масҷиди шаҳри Каунас гурӯҳи мотосиклсаворон сари хунини хук дар даст талош карданд ба ҷараёни ибодат халал расонанд.

Дар бораи ин ҳодиса расонаҳои Латвия, аз ҷумла "Европейская правда" ҳам гузориш дода, навиштааст, ки мақомоти интизомӣ ин қазияро таҳқиқ мекунанд. Мусалмонони ин шаҳр гуфтаанд, ки «бори аввал шоҳиди чунин рафтори гурӯҳи бегонаe» мешавад ва афзуд, «шояд мақсади онҳо тарсонидани мардум» бошад. "Европейская правда" навиштааст, ки «рафтори авбошонаи байкер ё гурӯҳи мотосиклсаворон дар назди масҷид вақти намозхонии мусалмонон», ки мусиқии баландеро гузоштаву «Литва» шиор медоданд, таҳқиқ мешавад. Ба навиштаи рӯзнома, «азбаски дар назди масҷид маъмурони полис қарор доштанд, аз ин беш тартибот вайрон нашудааст».

# 6 МЛН МУҲОҶИРИ АФҒОН БА ВАТАН БАРГАШТААНД

**КОМИССАРИАТИ ОЛИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ДАР УМУРИ ПАНОҲАНДАГОН МЕГӮЯД, КИ ДАР НАЗДИК БА СЕ СОЛИ ГУЗАШТА ШАШ МИЛЛИОН МУҲОҶИРИ АФҒОН БА КИШВАРАШОН БОЗГАШТААНД. ОМОРЕ, КИ БА ГУФТАИ ИН НИҲОД, ДАР ТАЪРИХИ МУОСИР БЕСОБИҚА АСТ.**

Комиссариати олии СММ дар умури паноҳандагон рӯзи 2-юми сентябр дар саҳифаи "Фейсбук"-и худ навишт, ки "бозгашти муҳоҷирон бояд довталабона, амн ва боиззат бошад".

Ин ниҳод аз ҷомеаи ҷаҳонӣ хостааст, ки Афғонистон ва муҳоҷирони афғонро фаромӯш накунанд.

Аз сӯйи дигар, Вазорати умури муҳоҷирини ҳукумати Толибон гуфтааст, ки ҳафтаи ҷорӣ наздик ба 400 муҳоҷири афғон аз зиндонҳои Покистон озод ва ба Афғонистон бозгардонида шудаанд.

Покистон ва Эрон дар се соли гузашта фишор бар муҳоҷирони афғонро афзоиш дода ва шуморе аз онҳоро аз кишварҳои худ берун карданд. Тоҷикистон ҳам солҳои охир даҳҳо муҳоҷири афғонистониро аз кишвар берун кардааст.



# $ 7,94 МИЛЛИАРД САВДОИ ХОРИҶӢ

## Бештар мефурӯшем ё мехарем?

**ГАРДИШИ САВДОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАФТ МОҲИ СОЛИ 2026 БА $7,94 МИЛЛИАРД РАСИДААСТ. ИН НИШОНДИҲАНДА НИСБАТ БА ҲАМИН ДАВРАИ СОЛИ ГУЗАШТА $2,36 МИЛЛИАРД Ё 42,3 ФОИЗ ЗИЁД МЕБОШАД. АММО ВОРИДОТ БА ТОҶИКИСТОН АЗ ХОРИҶ ҲАНӮЗ БЕШТАР АСТ.**



### НИГОҲЕ БА ОМОР

Дар моҳҳои январ - июли соли ҷорӣ содироти молу маҳсулот ба $1,78 миллиард ва воридот ба $6,16 миллиард расид. Яъне, воридот аз содирот $4,38 миллиард зиёд шудааст. Содирот дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 57,2 фоиз, воридот 38,6 фоиз афзудааст. Ин рақамҳо саволи асосиро ба миён меоранд: оё Тоҷикистон ба модели иқтисодии бештар содиркунанда ҳаракат мекунад ё афзоиши гардиши савдо ҳанӯз ҳам асосан аз ҳисоби воридоти мол таъмин мешавад?

Агар дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ $1,78 миллиард мол ба хориҷ фурӯхта шуда, ба маблағи $6,16 миллиард мол ворид шуда бошад, фарқи байни ин ду рақам - $4,38 миллиард касри савдо мебошад. Шояд хонанда суол гузорад, ки касри савдо чист? Ин истилоҳи иқтисодист ва маънои сода дорад. Касри савдо вақте ба вуҷуд меояд, ки кишвар нисбат ба содирот аз хориҷ бештар мол ворид мекунад. Дар мавриди Тоҷикистон касри савдо ба маънои он нест, ки Тоҷикистон маҳз ҳамин маблағро зиён кардааст. Агар қисми зиёди воридот мошин, таҷҳизот, технология ва воситаҳои истеҳсолӣ бошад, он метавонад баъдан ба афзоиши истеҳсолот ва содирот мусоидат кунад. Аммо агар касри калон солҳо идома ёбад ва содирот асосан ба чанд навъи ашёи хом такя кунад, вобастагии иқтисод аз бозорҳои хориҷӣ метавонад бештар шавад.

### ФОСИЛА БАЙНИ ВОРИДОТУ СОДИРОТ

Дар ҳафт моҳи соли гузашта касри савдо тақрибан $3,31 миллиард будааст. Имсол бошад, он ба $4,38 миллиард расидааст. Яъне, фосилаи байни воридот ва содирот тақрибан $1,07 миллиард зиёд шудааст. Аз як тараф, ин рақам нигаронкунанда менамояд. Аз тарафи дигар, бояд ба суръати афзоиши ду нишондиҳанда низ нигоҳ кард. Содирот 57,2 фоиз афзуда, воридот 38,6 фоиз зиёд шудааст. Яъне, содирот нисбат ба воридот тезтар рушд кардааст. Агар чунин тамоюл устувор шавад, дар солҳои оянда фосилаи байни ду нишондиҳанда метавонад коҳиш ёбад. Аммо қисми зиёди ҳаҷиши содирот ба якчанд гурӯҳи мол вобаста мебошад.

Яке аз одитарин рақамҳои омори ҳафтмоҳаи соли равон афзоиши содироти сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо ва филузот мебошад. Ҳаҷми содироти ин гурӯҳи мол аз $3,2 миллион то $519 миллион расидааст. Яъне, афзоиш бештар аст. Содироти маҳсулоти маъданӣ низ 47,9 фоиз афзуда, ба $596,7 миллион расидааст.

Дар бахши нассоҷӣ содирот 33,7 фоиз зиёд шуда, $159,7 миллионро ташкил додааст. Содироти нахи пахта низ 38,9 фоиз афзуда, ба $89,4 миллион расидааст.

Аммо дар маҷмӯъ, се гурӯҳи асосӣ - маҳсулоти маъданӣ, сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо ва филузот, инчунин филузоти қиматбаҳо тақрибан 84 фоизи даромади содиротии Тоҷикистонро таъмин кардаанд.

### МАВҚЕИ НИҲОДҲОИ ИҚТИСОДӢ

Мавқеи ниҳодҳои блоки иқтисодӣ нишон медиҳад, ки Тоҷикистон афзоиши иқтидори содиротӣ ва гуногунсозии содиротро аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодӣ медонад. Вазорати рушди иқтисод ва савдо таъкид кардааст, ки тақвияти иқтидори содиротӣ, диверсификатсияи содирот ва содагардонии расмиёти савдо аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мебошанд. Дар доираи ин сиёсат Тоҷикистон низоми «Равзанаи ягона»-и барасмиятдарории амалиёти содиротӣ, воридотӣ ва транзитиро роҳандозӣ кардааст. Дар сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод низ афзоиши содирот ва воридот ҳамчун нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ инъикос мешаванд. Яъне, аз нигоҳи сиёсати давлатӣ масъала танҳо зиёд кардани ҳаҷми савдо нест. Ҳадаф беҳтар кардани дастрасии маҳсулоти тоҷикӣ ба бозорҳои хориҷӣ ва зиёд кардани рақобатпазирии онҳо аст.

Аммо маълумоти Вазорати молия ва Бонки миллии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки касри савдо барои иқтисоди Тоҷикистон падидаи нав нест. Тибқи Ҳисоботи суботи молиявии БМТ барои соли 2025, ки бо истифода аз маълумоти Вазорати молия ва Агентии омор таҳия шудааст, гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон дар соли 2025 ба $10,8 миллиард расида буд. Содирот $2,5 миллиард ва воридот $8,3 миллиардро ташкил дода, касри тавозуни савдо ба $5,817 миллиард ё 32,9 фоизи ММД баробар шудааст.

### НИШОНАИ ХУБ Ё ВОБАСТАГӢ?

Бузургтарин бахши воридот дар ҳафт моҳи соли 2026 мошину таҷҳизот будааст. Яъне, он ба $903,5 миллион расидааст. Пас аз он маҳсулоти маъданӣ - $870,8 миллион, филузот ва маснуот аз онҳо - $798 миллион ва воситаҳои нақлиёт ва қисмҳои эҳтиётии онҳо - $771 миллион қарор доранд.

**(Давомаш дар саҳ. 7)**



# АЗ САМАРҚАНД ТО САҲНАҲОИ ҶАҲОН



*Шариф ҲАМДАМПУР, сармуҳаррири ҳафтаномаи «Тоҷикистон»*

**РӮЗНОМАИ “ОВОЗИ ТОҶИК”, КИ ДАР ӮЗБЕКИСТОН НАШР МЕШАВАД, МУСОҲИБАИ ЖУРНАЛИСТ ЗОҲИР ҲАСАНЗОДАРО БО САРМУҲАРРИРИ ҲАФТАНОМАИ “ТОҶИКИСТОН” ШАРИФ ҲАМДАМПУР НАШР КАРДААСТ. ИН МУСОҲИБАРО МАНЗУРИ ШУМО МЕГАРДОНЕМ.**


9 сентябри соли 2026 № 71 (15290)
Овози тоҷик
АЗ САМАРҚАНД ТО САҲНАҲОИ ҶАҲОН

*Адиб ва рӯзноманигор Шариф Ҳамдампур яке аз чеҳраҳои шинохтаи фазои фарҳангӣ ва иттилоотии Тоҷикистон буда, китобҳои «Тоҷикон дар суҳбати Ғафуров бо Сталин», «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур», «Достони писари муаллим» ва ғайра ба қалами ӯ мансубанд. Чанде пеш дар нашриёти «Тоҷикистон» асари ӯ бо номи «Агар...» аз чоп баромад, ки ба фарзанди фарзонаи Самарқанд Толибхон Шаҳидӣ ва падари бузургвори ӯ бахшида шудааст. Суҳбати имрӯзаи мо бо ин нависанда бахшида ба тафсилоти таърихи офарида шудани ин китоб баргузор гардид.*

**- Устоди арҷманд, чанде пеш дар нашриёти «Тоҷикистон» боз як китоби шумо - «Агар...» рӯйи чопро дид, ки ба таърихи Самарқанд, бастакори барҷаста Зиёдулло Шаҳидӣ ва писари ӯ Толиб Шаҳидӣ бахшида шудааст. Сабаб чӣ буд, ки маҳз аз ҳаёти ин ду марди шарифу бузург асари безавол, пурмуҳтаво, хонданибоб офаридед?**

- Пеш аз ҳама, меҳоҳам як нуктаро таъкид кунам: «Агар...» танҳо зиндагиномаи ду бастакор нест. Ҳангоми навиштани китоб ман кӯшиш кардам, ки тавассути сарнавишти падару писар Зиёдулло Шаҳидӣ ва Толибхон Шаҳидӣ як давраи бисёр муҳим ва пур аз таҳаввулоти фарҳанги тоҷик, бахусус роҳи ташаккул ва рушди мусиқии касбӣ ва симфонии моро нишон диҳам.

Сабаби рӯ оварданам ба зиндагии ин ду шахсияти бузург дар он буд, ки сарнавишти онҳо пайванди ногусастанӣ бо роҳи тайкардаи фарҳанги тоҷикон дорад.

Зиёдулло Шаҳидӣ аз гаҳвораи тамаддуну фарҳанги тоҷикон - Самарқанд бархостааст. Ӯ аз муҳите ба Душанбе омад, ки дар он шеъру мусиқӣ, мақому таронa ва суннатҳои ҳазорсолаи мо зинда буданд. Аммо бузургии ӯ дар он буд, ки дар доираи ин суннатҳо маҳдуд намонд. Ӯ тавонист рӯҳи мусиқии миллиро бо имкониятҳои мусиқии касбии ҷаҳонӣ пайванд диҳад ва дар ташаккули мактаби нави бастакории тоҷик саҳми бунёдӣ гузорад.

Толибхон Шаҳидӣ ин роҳро идома дод, вале танҳо идомадиҳандаи роҳи падар намонд. Ӯ ҷаҳони эҷодии хоси худро сохт. Дар мусиқии ӯ Шарқу Ғарб, суннат ва навоварӣ, оҳанги миллӣ ва тафаккури муосири симфонӣ ба ҳам меоянд. Асарҳои ӯ дар саҳнаҳои гуногуни ҷаҳон садо додаанд ва аз ҳамин роҳ садои фарҳанги тоҷикро ба гӯши шунавандаи берун аз Тоҷикистон низ расонидаанд.

**- Кас баъди мутолиа ба хулоса меояд, барҳақ таваccути сулола низ фарҳанг, санъат аз гузашта ба имрӯз пули маънавӣ месозад.**

- Бале, ин яке аз ғояҳои меҳвари «Агар...» аст. Ман ҳам ҳангоми кор рӯйи китоб ҳар қадар бештар ба сарнавишти хонадони Шаҳидиҳо ворид мешудам, ҳамон қадар равшантар эҳсос мекардам, ки фарҳанг танҳо тавассути китобу осор не, тавассути инсонҳо ва пайванди наслҳо низ зинда мемонад. Сулола дар фарҳанг танҳо пайванди хунӣ нест. Агар фарзанд танҳо номи падарро мерос гирад, ҳанӯз сулолаи эҷодӣ ба вуҷуд намеояд. Сулолаи фарҳангӣ замоне шакл мегирад, ки аз як насл ба насли дигар ҷаҳонбинӣ, завқи зебоишиносӣ, масъулият дар назди ҳунар ва муҳимтар аз ҳама, эҳсоси қарз дар назди фарҳанги миллӣ интиқол ёбад.

Дар мисоли Зиёдулло ва Толибхон Шаҳидӣ мо ҳамин падидаро равшан мебинем. Зиёдулло Шаҳидӣ аз як муҳити бисёр ғании фарҳангӣ, яъне шаҳри Самарқанд омад. Ӯ дар вуҷуди худ оҳангу тарона, шеъру мақом ва хотираи фарҳангии чандин наслро дошт. Вале ин меросро на танҳо ҳифз кард, балки онро ба забони мусиқии касбӣ ва симфонӣ ворид сохт ва барои насли баъдӣ заминаи нав гузошт.

Толибхон Шаҳидӣ ин меросро қабул кард, аммо дар сояи падар намонд. Ва маҳз ҳамин нукта барои ман бисёр муҳим аст. Ӯ роҳи падарро такрор накард, онро идома дод.

Толибхон аз мактаби падар рӯҳ, завқ ва эҳсоси мутааллиқият ба фарҳанги миллиро гирифт, вале забони мусиқии худро пайдо кард. Агар дар Зиёдулло Шаҳидӣ мо яке аз поягузорони тафаккури нави мусиқии тоҷикро бинем, дар Толибхон Шаҳидӣ мебинем, ки ин тафаккур чӣ гуна ба марҳалаи дигар мерасад, бо мусиқии муосири ҷаҳон ворид гуфтугӯ мешавад ва доираи шунавандаи худро васеъ мекунад. Аз ҳамин ҷост, ки ман сулолаи Шаҳидиҳоро як навъ пули маънавӣ миёни дирӯз, имрӯз ва фардо мебинам.

**- Дар китоб хеле факту далелҳои радиопазир оварда шудааст, ки шумо чӣ тавр ҷамъ оварда, ба мавриди истифода бурдед?**

- Барои ман ҳамчун рӯзноманигор як принсип ҳамеша муҳим буд: агар асар ба зиндагии шахсиятҳои воқеӣ ва як давраи муайяни таърихӣ дахл кунад, хаёл набояд ҷойи ҳақиқатро гирад. Бинобар ин, ҳангоми навиштани «Агар...» кӯшиш кардам, ки ҳар воқеаи муҳим, ҳар сана, ҳар марҳилаи зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии қаҳрамонон то ҳадди имкон ба манбаи боэътимод такя кунад.

Ҷамъоварии мавод кори якрӯза набуд. Ман аз сарчашмаҳои гуногун истифода кардам: асноду маводи бойгонӣ, матбуоти солҳои гуногун, китобу мақолаҳои илмӣ ва публитсистӣ, барномаҳои консертӣ, маълумот вобаста ба асарҳо ва намоишҳои онҳо, аксҳо, номаҳо, дастхатҳо ва дигар маводи марбут ба зиндагии Зиёдулло ва Толибхон Шаҳидӣ.

Аммо барои ман танҳо санади хаттӣ кофӣ набуд. Қисмати хеле муҳими мавод аз суҳбатҳои тӯлонӣ бо худи Толибхон Шаҳидӣ, ҳамсари ӯ Гулсифат Шаҳидӣ, фарзандонашон Табриз, Ҳофиз, Фирдавсхон, аъзои хонавода, ҳамкорон, ҳамсабақон, шогирдон ва шахсоне, ки шоҳиди ин ё он воқеа будаанд, ба даст омад. Баъзан як воқеаро аз чанд нафар мепурсидам, нақлҳоро бо ҳам муқоиса мекардам ва танҳо баъди мутмаин шудан онро ба матн ворид менамудам.

Вале ман кӯшиш кардам «Агар...» ба рӯйхати санаҳо, номҳо ва маълумот табдил ёбад. Факт бояд дар асар зиндагӣ кунад. Аз ин рӯ, кӯшиш кардам санадро танҳо дар ҷойе истифода барам, ки барои кушодани шахсияти қаҳрамон, нишон додани муҳити замон зарур бошад. Ба ибораи дигар, факт барои ман ороиши китоб нест, сутуни эътимоди хонанда ба он аст.

**- Мегӯянд, ки "сухане бар сухане зам шавад, қатрае аз хуни ҷигар кам шавад". Шояд ҳангоми навиштани асари мазкур муаммоҳои сарбаста, шабзиндадорӣ, ҷустуҷӯйи эҷодӣ низ буданд.**

- Бале, ин таъбир - «сухане бар сухане зам шавад, қатрае аз хуни ҷигар кам шавад» моҳияти кори эҷодиро хеле дақиқ ифода мекунад. Китобе, ки осон навишта мешавад, на ҳамеша осон ба дили хонанда роҳ меёбад. «Агар...» низ барои ман аз ҷумлаи асарҳое буд, ки ҳар фаслу ҳар саҳифааш ҷустуҷӯ, андеша ва масъулият мехост. Мушкили асосӣ ҳатто дар ҷамъоварии мавод набуд. Мавод фаровон буд: санадҳо, хотираҳо, суҳбатҳо, воқеаҳои таърихӣ, сарнавишти одамон, асарҳои мусиқӣ, сафарҳо, муваффақиятҳо... Муаммои аслӣ ин буд, ки чӣ гуна ин ҳама маълумотро ба асари зинда табдил диҳам. Чӣ гуна китобе нависам, ки ҳам ба ҳақиқати зиндагӣ содиқ монад ва ҳам хонандаро аз саҳифаи аввал то охир бо худ барад. Шабзиндадориҳо, албатта, зиёд буданд. Баъзан як саҳифа навишта мешуду рӯзи дигар онро аз нав менавиштам. Гоҳе барои дақиқ кардани як сана, як воқеа ё ҳатто як ҷумла соатҳо қалам суфта мекардам. Баъзан матн аз нигоҳи факт дуруст буд, аммо «ҷон» надошт. Он гоҳ маҷбур мешудам боз ба қаҳрамон, ба муҳит, ба мусиқии ӯ баргардам ва бипурсам: ман ин ҷо танҳо воқеаро нақл карда истодаам ё хонанда метавонад онро эҳсос ҳам кунад?

Мушкилии дигари хос худи мусиқӣ буд. Мусиқиро бо калима тасвир кардан кори осон нест. Нависанда ранг, чеҳра, манзара ва ҳаракатро тасвир карда метавонад, аммо чӣ гуна садои оркестр, сукут миёни ду нота ё ҳолати рӯҳии инсонро ҳангоми шунидани симфония ба калима табдил диҳад? Ман намехостам китоб пур аз истилоҳоти махсуси мусиқӣ шавад ва хонандаи одиро хаста кунад. Мехостам ҳатто касе, ки аз назарияи мусиқӣ огоҳии зиёд надорад, ҷаҳони Шаҳидиҳоро эҳсос намояд.

Аз ҳама муҳим, ман дар назди қаҳрамонон ва ҳақиқат масъулият ҳис мекардам. Вақте дар бораи шахсиятҳои воқеӣ менависед, ҳақ надоред барои зеботар шудани саҳна сарнавишти онҳоро бо хоҳиши худ тағйир диҳед. Аз тарафи дигар, агар танҳо санадҳоро паси ҳам гузоред, роман не, солнома ба вуҷуд меояд. Ёфтани марзи миёни ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ яке аз душвортарин ҷустуҷӯҳои «Агар...» буд.

Вақте нуқтаи охиринро гузоштам, эҳсос кардам, ки муддате бо Зиёдулло Шаҳидӣ ва Толибхон Шаҳидӣ, бо мусиқии онҳо, бо даврони онҳо зиндагӣ кардаам...

**- Нақшаиояндаи шумо, яъне эҷодӣ аз чиҳо иборат аст?**

- Нақшаҳои эҷодӣ зиёданд. Вале ҳоло тамоми андеша ва нерӯи ман ба анҷоми коре равона шудааст, ки онро метавон ҳосили солҳои зиёди фаъолияти рӯзноманигориам номид. Бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон китоберо бо номи «Президент: Аз Хусдеҳ то Сингапур» чоп кардам. Ин китоб аз ҷасорату иродаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз мураккабтарин марҳалаҳои таърихи навини давлатдории тоҷикон ҳикоят мекунад: аз талош барои хомӯш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва расидан ба сулҳу ваҳдат то ҳифзи тамомияти арзӣ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ба фароҳам овардани заминаҳои истиқлоли воқеии сиёсиву иқтисодии кишвар.

Дар китоб кӯшиш кардаам нишон диҳам, ки Истиқлол танҳо эълони соҳибдавлатӣ нест. Истиқлоли воқеӣ он вақт маъно пайдо мекунад, ки давлат тавонад сулҳи худро таъмин кунад, сарнавишти худро мустақилона муайян намояд, иқтисоди худро бунёд созад, бо ҷаҳон муносибати баробар дошта бошад ва барои наслҳои оянда роҳи рушд боз кунад.

**Мусоҳиб:**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**рӯзномаи “Овози тоҷик”,**
**10-уми сентябри соли 2026**

**ДАВЛАТИ КУВАЙТ САФОРАТИ ХУДРО ДАР ТОҶИКИСТОН БОЗ КАРД ВА МУҲАММАД РОШИД АЛ-АМИРИРО БА УНВОНИ НАХУСТИН САФИРИ ХУД БА ДУШАНБЕ ФИРИСТОД. КУВАЙТ СЕВУМИН КИШВАРИ АРАБИИ ҲАВЗАИ ХАЛИҶИ ФОРС АСТ, КИ НАМОЯНДАГИИ ДИПЛОМАТИИ ХУДРО ДАР ТОҶИКИСТОН ИФТИТОҲ МЕКУНАД. АЗ ИН ҚАБЛ АРАБИСТОНИ САУДӢ ВА ҚАТАР САФОРАТХОНАҲОИ ХУДРО ДАР ТОҶИКИСТОН БОЗ КАРДА БУДАНД.**

# КУВАЙТ ДАР ДУШАНБЕ САФОРАТ БОЗ КАРД

## Ин чаро муҳим аст?



### 31 СОЛИ МУНОСИБАТИ ДИПЛОМАТӢ

Муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон ва Кувайт 31-уми марти соли 1995 барқарор шуданд. Кувайт, тибқи иттилои Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон, нахустин кишвари арабӣ буд, ки Истиқлоли давлатии Тоҷикистонро эътироф кард. Сафорати Тоҷикистон дар Кувайт бошад, 23-юми июни соли 2013 расман ифтитоҳ шуд.

То соли 2026 Кувайт дар Душанбе сафири муқим надошт. Сафирони ин кишвар дар Тоҷикистон аз кишвари дигар, аз ҷумла аз Исломобод аккредитатсия мешуданд.

Бо ин иқдом Кувайт пас аз Арабистони Саудӣ ва Қатар ба севумин кишвари арабии ҳавзаи Халиҷ табдил ёфт, ки дар Душанбе сафорати муқим дорад. Сафорати Арабистони Саудӣ соли 2010 ва сафорати Қатар моҳи ноябри соли 2012 ба фаъолият оғоз карда буданд.

### ЧАРО САФОРАТИ МУҚИМ МУҲИМ АСТ?

То замоне ки сафир дар кишвари дигар қарор дорад, робитаҳо бештар ба сафарҳои даврӣ ва мукотибаи дипломатӣ вобаста мешаванд. Ҳузури сафорат дар Душанбе маъно онро дорад, ки робитаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва консулӣ ҳаррӯза ва мустаҳкам мегардад.

Ин метавонад барои ташкили мулоқоти соҳибкорон, пайгирии тарҳҳои сармоягузорӣ, ҳалли масъалаҳои консулӣ, густариши ҳамкории фарҳангӣ ва ҷалби ширкатҳои кувайтӣ имкониятҳои бештар фароҳам созад. Собиқ сафири Тоҷикистон дар Кувайт Зубайдулло Зубайдзода низ ба расонаҳои кувайтӣ гуфтааст, ки сафорати муқим бояд иртибот миёни соҳибкорону сармоягузорон ва хизматрасонии консулиро осон кунад.

### НУҚТАИ ГАРДИШ

Яке аз заминаҳои асосии ин наздикшавӣ сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Кувайт дар рӯзҳои 3-5-уми ноябри соли 2024 буд. Дар ҷараёни сафар бо роҳбарияти Кувайт мулоқотҳо баргузор шуда, 9 санади нави ҳамкорӣ дар бахшҳои сиёсат, хориҷӣ, танзими меҳнат, тиҷорат, саноат, стандартизатсия, варзиш ва сайёҳӣ ба имзо расид.

Рӯзҳои 4-5-уми ноябри соли 2024 Кувайт мизбони марҳилаи кувайтии «Раванди Душанбе» оид ба мубориза бо терроризм шуд. Конфронсро Тоҷикистон, Кувайт ва Дафтари СММ оид ба мубориза бо терроризм муштарак баргузор карданд. Дар он беш аз 500 намояндa аз 91 давлат ва созмонҳои байналмилалӣ иштирок карданд ва Эъломияи Кувайт оид ба амнияти сарҳад қабул шуд.

### КУВАЙТ ВА «РОҒУН»

Бахши намоёнтарини ҳамкории иқтисодӣ имрӯз Фонди кувайтии рушди иқтисоди арабӣ аст. Моҳи декабри соли 2024 Тоҷикистон ва ин фонд барои маблағгузории НБО «Роғун» созишномаи қарзӣ ба маблағи 16,7 миллион доллар имзо карданд. Ин маблағ қисми аввали бастаи то 100 миллион доллар аст, ки қарор аст дар шаш марҳала ҷудо шавад. Худи Фонди Кувайт гуфтааст, ки то он замон панҷ тарҳи дигарро дар Тоҷикистон дар бахшҳои роҳ ва шабакаҳои об ба маблағи умумии 24,9 миллион динори кувайтӣ (тақрибан 80,9 миллион доллар) маблағгузорӣ кардааст. Кувайт бо Тоҷикистон дар соҳаи маориф низ ҳамкорӣ дорад. 23-юми июни соли 2026 Тоҷикистон ва Фонди Кувайт созишномаи дигареро барои «Рушди мактабҳо» имзо карданд. Ҳаҷми қарзи имтиёзнок 6 миллион динори кувайтӣ, ё тақрибан 20 миллион доллар аст. Ҳукумати Тоҷикистон низ барои татбиқи тарҳ 4,5 миллион доллар саҳм мегузорад. Маблағ барои сохтмон ва муҷаҳҳаз кардани муассисаҳои таълимӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар пешбинӣ шудааст.

### СЕ НУКТАИ МУҲИМ

Барои Душанбе таваҷҷуҳи кишварҳои арабии Халиҷ пеш аз ҳама аз се ҷиҳат аҳаммият дорад.

**Аввал** - сармоя. Кишварҳои Халиҷ дорои фондҳои бузурги рушд ва захираҳои молиявӣ мебошанд. Тоҷикистон бошад, барои энергетика, роҳ, об, сайёҳӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ ба сармоягузории дарозмуддат ниёз дорад.

**Дувум** - диверсификатсияи шарикони хориҷӣ. Ҳузури фаъолтари Кувайт, Қатар, Арабистони Саудӣ ва фондҳои онҳо доираи манбаъҳои сармоягузорӣ ва робитаҳои иқтисодии Тоҷикистонро васеъ мекунад.

**Севум** - пайванди Осиёи Марказӣ бо кишварҳои Шурои ҳамкории Халиҷ. Солҳои охир гуфтугӯи Осиёи Марказӣ ва кишварҳои арабии Халиҷ фаъолтар шудааст. Тоҷикистон ва Кувайт низ аз ин раванд истифода мекунанд. Чорумин ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Кувайт оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва илмию техникӣ моҳи феврали соли 2025 дар Кувайт баргузор шуд. Аз ин рӯ, сафорати навро метавон оғози муносибатҳо, балки гузариши муносибатҳои 31-сола аз марҳалаи тамосҳои даврӣ ба ҳамкории доимӣ арзёбӣ кард.

### САФИРИ НАВ

Муҳаммад Рошид Ал-Амирӣ нахустин Сафири фавқулода ва мухтори муқими Давлати Кувайт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Ӯ ба ин мақом моҳи апрели соли 2026 таъйин шудааст.

22-юми июни соли 2026, ҳанӯз қабл аз оғози фаъолият дар Душанбе, Ал-Амирӣ ба Сафорати Тоҷикистон дар Кувайт рафта, бо сафир Хусрав Нозирӣ мулоқот кард. Он замон ҷониби Тоҷикистон низ расман таъкид карда буд, ки ӯ нахустин сафири Кувайт аст, ки дар Душанбе иқомат хоҳад кард.

28-уми июли соли 2026 Ал-Амирӣ дар Душанбе нусхаи эътимодномаи худро ба вазири корҳои хориҷӣ Сироҷиддин Муҳриддин супорид.

Баъдан ӯ бо муовинони вазири корҳои хориҷӣ Идибек Қаландар ва Фаррух Шарифзода мулоқот карда, аз ҷумла ҳамкории ду кишвар дар созмонҳои байналмилалиро баррасӣ намуд.

Маълумоти пурраи зиндагиномаи Ал-Амирӣ дастрас нест.

**Д. Қодирпур**

# $ 7,94 МИЛЛИАРД САВДОИ ХОРИҶӢ

(Аввалаш дар саҳ. 5)

Агар техника ва таҷҳизоти воридшуда барои сохтмони корхонаҳо, нерӯгоҳҳо, инфрасохтор, кишоварзӣ ва дигар бахшҳои истеҳсолӣ истифода шаванд, воридоти имрӯз метавонад ба истеҳсоли бештари фардо табдил ёбад. Аммо агар қисми асосии воридот ба истеъмол равона шавад, он таъсири камтар ба иқтидори содиротии кишвар хоҳад дошт.

Дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ ба Тоҷикистон $591 миллион маҳсулоти нафтӣ, $207,7 миллион гандум ва $14,1 миллион орд ворид шудааст. Ин ду маҳсулоте, ки кишвар бештар вобастаи онҳост. Воридоти гандум нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 25 фоиз ва воридоти орд 66,3 фоиз зиёд шудааст. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки вобастагӣ аз бозори хориҷӣ танҳо ба техника ё саноат маҳдуд нест. Бахши ғизо ва энергетика низ дар сохтори воридот мавқеи назаррас дорад.

### ЧИН ДАР МАРКАЗИ САВДОИ ХОРИҶӢ

Дар ҳафт моҳи соли 2026 Тоҷикистон бо 125 кишвар муносибатҳои тиҷоратӣ доштааст. Чин бо гардиши $2,17 миллиард бузургтарин шарики савдои Тоҷикистон аст. Русия бо $1,51 миллиард дар ҷойи дуюм, Швейтсария бо $1,02 миллиард дар ҷойи сеюм, Қазоқистон бо $889,6 миллион ва Ӯзбекистон бо $420,7 миллион қарор доранд. Таври маълум, Чин яке аз бозорҳои асосии содиротӣ ва бузургтарин таъминкунандаи мол ба Тоҷикистон мебошад.

Аз нигоҳи содирот Швейтсария бо 28,6 фоиз дар ҷойи аввал қарор дорад. Пас аз он Чин - 27,3 фоиз, Ӯзбекистон - 7,8 фоиз, Туркия - 7,4 фоиз ва Русия - 5,4 фоиз мебошанд. Ин омор нишон медиҳад, ки робитаҳои тиҷоратии Тоҷикистон торафт бештар ба Чин ва кишварҳои минтақа такя мекунанд.

### ПЕШГӮӢ

Хазинаи байналмилалии асъор рушди воқеии иқтисоди Тоҷикистонро дар соли 2026 тақрибан 6 фоиз пешбинӣ кардааст. Бонки Ҷаҳонӣ низ рушди тақрибан 6,5 фоизро интизор аст. Мавқеи иқтисодшиносони тоҷик ишора ба он мекунад, ки рушди содирот бояд бо афзоиши рақобатпазирии истеҳсоли дохилӣ ҳамроҳ бошад. Лутфулло Саидмуродзода, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор зарурати рушди истеҳсоли содиротӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватаниро таъкид кардааст. Ба гуфтаи ӯ, барои зиёд кардани содирот ҳанӯз як қатор мушкилот вуҷуд доранд: васеъ кардани заминаи истеҳсоли ба содирот нигаронидашуда, ҷалби сармояи хориҷӣ, рушди платформаҳо ва минтақаҳои иқтисодӣ барои истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва такмили инфрасохтори энергетикӣ, технологӣ, саноатӣ ва нақлиётӣ. Ин андеша ба омори имрӯз хеле мувофиқ меояд. Агар кишвар танҳо ҳаҷми содироти маъдан, металл ё ашёи хомро зиёд кунад, аммо коркарди дохилӣ ва истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловашуда ба ҳамон суръат рушд накунад, даромади содиротӣ ба тағйироти бозори ҷаҳонӣ ҳассос боқӣ мемонад.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

# ХАТЛОН: НАҚШАИ ДАРОМАДИ БУҶЕТИ МАҲАЛЛӢ 105 ФОИЗ ТАЪМИН ШУДААСТ

**ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ МИНТАҚАҲО ВА ИҶРОИ БОСИФАТИ НАҚШАҲОИ БУҶЕТӢ ЯКЕ АЗ САМТҲОИ МУҲИМИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ БА ҲИСОБ МЕРАВАД. ДАР ИН РАВАНД ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ МИНТАҚАҲОИ КАЛИДИИ КИШВАР БО ДАРНАЗАРДОШТИ ИМКОНИЯТҲОИ ИҚТИСОДӢ, ИСТЕҲСОЛӢ ВА СОҲИБКОРИИ ХУД НАҚШИ МУҲИМ ДОРАД.**








Бино ба иттилои сардори Сарраёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон Чиллазода Аъзамҷони Қарахон, дар хашт моҳи соли 2026 нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ аз рӯйи воридоти андозҳо ва пардохтҳои хатмӣ 105 фоиз таъмин гардидааст.

Мувофиқи нақша дар ин давра ба буҷети маҳаллӣ бояд 2 миллиарду 576,1 миллион сомонӣ ворид мегардид. Аммо дар амал ҳаҷми воридот ба 2 миллиарду 711,1 миллион сомонӣ расидааст. Ҳамин тарик, иҷрои нақша 135 миллион сомонӣ зиёд таъмин гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бошад, ҳаҷми воридоти буҷетӣ 528,8 миллион сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Ин натиҷа аз он шаҳодат медиҳад, ки дар самти сафарбар намудани даромадҳо ба буҷети маҳаллӣ имкониятҳои мавҷуда бештар истифода шуда, барои афзоиши ҳаҷми воридоти андозҳо ва пардохтҳои хатмӣ заминаҳои мусоид фароҳам омадааст.

## АФЗОИШИ ДАРОМАДҲО - ЗАМИНАИ ТАҲКИМИ ИМКОНИЯТҲО

Иҷрои нақшаи даромади буҷет танҳо як нишондиҳандаи молиявӣ набуда, барои таъмини маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ, нигоҳдории муассисаҳои буҷетӣ, иҷрои барномаҳои маҳаллӣ ва ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи аҳолӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Баланд гардидани ҳаҷми воридоти буҷетӣ имконият медиҳад, ки мақомоти маҳаллӣ дар доираи имкониятҳои молиявии мавҷуда ӯҳдадориҳои худро сари вақт иҷро намуда, маблағгузории соҳаҳои афзалиятнокро таъмин намоянд.

Бо вуҷуди натиҷаҳои мусбат, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар самти иҷрои баъзе нишондиҳандаҳои буҷетӣ ҳанӯз масъалаҳое мавҷуданд, ки ҳалли сариваҳтии онҳо тақозои тақвияти ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти молиявӣ ва сохторҳои дахлдорро дорад.

## МАСЪАЛАИ ҲИССАҶУДОКУНӢ АЗ АНДОЗҲОИ УМУМИДАВЛАТӢ

Яке аз масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ иҷрои муқаррароти банди 6-и қарори Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон аз 29-уми декабри соли 2025 «Дар бораи буҷети вилояти Хатлон барои соли 2026» мебошад.

Тибқи таҳлилҳои пешниҳодшуда, аз ҳисоби ҳиссаҷудокунӣ аз андоз ва даромадҳои умумидавлатӣ аз ноҳияи Ёвон аз рӯйи нақшаи тасдиқшуда 41,3 миллион сомонӣ пешбинӣ гардида, аз ҳисоби иҷроиш 30,2 миллион сомонӣ ба буҷети вилоятӣ ворид нашудааст. Ҳамчунин, аз ноҳияи Данғара аз ҳисоби иҷроиш 2,7 миллион сомонӣ ворид нагардидааст. Дар маҷмӯъ, ҳаҷми маблағҳои ворилнашуда аз рӯйи ҳиссаҷудокунӣ аз андоз ва даромадҳои умумидавлатӣ 32,9 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди ин, масъалаи маблағгузории буҷетҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳои дахлдори вилоят бидуни таваққуф боқӣ намондааст. Новобаста аз ворид нагардидани маблағҳои ҳиссаҷудокунӣ аз ноҳияҳои зикршуда, маблағҳои ҳисоббаробаркунии буҷети вилоятӣ ба буҷетҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳои дахлдор пурра пардохт карда шудаанд.

Ин ҳолат аз аҳамияти ҳамоҳангсозии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва зарурати таъмини сариваҳтии ӯҳдадориҳои молиявӣ дар ҳамаи сатҳҳо дарак медиҳад.

## ИСТИФОДАИ МАҚСАДНОКИ МАБЛАҒҲОИ БУҶЕТӢ

Дар баробари афзоиши даромадҳо, масъалаи истифодаи самаранок ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ низ аҳаммияти хоса дорад.

Тибқи маълумоти пешниҳодшуда, қисми хароҷоти буҷети маҳаллии вилояти Хатлон вобаста ба воридоти аслии даромади буҷети маҳаллӣ ба роҳ монда шуда, дар хашт моҳи соли ҷорӣ бо дарназардошти маблағҳои мақсадноки буҷети ҷумҳуриявӣ ба 3 миллиарду 799,2 миллион сомонӣ расидааст. Ин маблағ 95 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил дода, нисбат ба нақша 194,9 миллион сомонӣ кам мебошад.

Дар чунин шароит риояи интизоми молиявӣ, муайян намудани афзалиятҳои асосии хароҷот ва пешгирии хароҷоти ғайриафзалиятнок аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Зеро самаранокии идоракунии маблағҳои давлатӣ на танҳо ба ҳаҷми воридоти буҷет, балки ба тарзи истифодаи он низ вобастагии мустақим дорад.

## ИСТИФОДАИ ИМКОНИЯТҲОИ ДОХИЛӢ

Таҳлилҳои анҷомдодашуда нишон медиҳанд, ки барои нигоҳ доштани суръати афзоиши даромадҳои буҷетӣ ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои молиявӣ истифодаи пурраи иқтидори дохилии вилоят зарур мебошад.

Вилояти Хатлон дорои имкониятҳои васеи иқтисодӣ буда, рушди соҳаҳои истеҳсолӣ, кишоварзӣ, хизматрасонӣ, соҳибкорӣ ва дигар бахшҳои иқтисоди минтақа метавонад барои васеъ гардидани манбаъҳои даромади буҷет заминаи мусоид фароҳам орад.

Дар ин раванд муайян намудани манбаъҳои нави даромад, беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, коҳиш додани ҳолатҳои пардохт накардани андозҳо ва таъмини шаффофияти муносибатҳои молиявӣ аз самтҳои муҳими фаъолияти сохторҳои дахлдор махсуб мешаванд.

Ҳамзамон, иҷрои босифати нақшаи даромад бояд дар асоси рушди воқеии иқтисодиёт ва истифодаи имкониятҳои дохилӣ сурат гирифта, ба фаъолияти истеҳсолӣ ва соҳибкорӣ таъсири манфӣ нарасонад.

## ПЕШГИРИИ ҚАРЗДОРӢ ВА НАЗОРАТИ ХАРОҶОТ

Дар самти хароҷоти буҷетӣ яке аз масъалаҳои муҳими мавриди таваҷҷуҳ пешгирӣ ва бартараф намудани қарздории фонди музди меҳнат дар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ мебошад.

Фонди музди меҳнат қисми муҳими хароҷоти муассисаҳои буҷетиро ташкил медиҳад ва таъмини сариваҳтии он аз масъалаҳои муҳими идоракунии молияи давлатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, андешидани чораҳои зарурӣ барои пешгирии пайдоиши қарздорӣ ва ба танзим даровардани чунин масъалаҳо аҳаммияти махсус дорад.

Ҳамзамон, роҳ надодан ба хароҷоти дуюминдараҷа ва истифодаи сарфакоронаи маблағҳои давлатӣ бояд дар маркази фаъолияти ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ қарор дошта бошад. Дар шароити маҳдуд будани захираҳои молиявӣ пеш аз ҳама маблағгузории самтҳои зарурӣ ва афзалиятнок бояд таъмин карда шавад.

## ВАЗИФАҲОИ МИНБАЪДА

Бино ба гуфтаи Чиллазода Аъзамҷони Қарахон, Сарраёсати Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар ҳамкорӣ бо сохторҳои дахлдор, тибқи дастуру супоришҳои раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид барои истифодаи имкониятҳои мавҷуда ва сафарбар намудани захираҳои иловагӣ ҷиҳати иҷрои нақшаи даромади буҷети маҳаллӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Ҳадафи асосӣ дар ин самт на танҳо иҷрои рақамии нақша, балки таъмини босифати даромадҳои буҷетӣ, истифодаи оқилонаи маблағҳо ва таҳкими интизоми молиявӣ мебошад.

Дар баробари ин, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, аз ҷумла масъалаҳои вобаста ба қарздории фонди музди меҳнат ва пешгирии хароҷоти дуюминдараҷа чораҳои таъхирнопазир роҳандозӣ мешаванд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои хашт моҳи соли 2026 нишон медиҳанд, ки дар самти ташаккули қисми даромади буҷети маҳаллии вилояти Хатлон нишондиҳандаҳои мусбат ба даст омадаанд. Вале нигоҳ доштани ин раванд ва таҳкими устувории молиявии минтақа аз идомаи корҳои муштарак, истифодаи самараноки иқтидори иқтисодӣ, баланд бардоштани интизоми андозсупорӣ ва риояи қатъии талаботи молиявӣ вобаста мебошад.

- Иҷрои босифати буҷет заминаи муҳими таъмини устувории молиявӣ, маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон мебошад,- меафзояд Чиллазода Аъзамҷони Қарахон.

**Машраби АЛОВИДДИН**

# АЗ ИСЛОҲОТ ТО ИДОРАКУНИИ УСТУВОРИ ҲАВЗАИ ДАРЁ:

## РУШДИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ДАР ҚИСМАТИ ТОҶИКИСТОНИИ ҲАВЗАИ ДАРЁИ СИР

**ОБ МАНБАИ ҲАЁТ ВА ЯКЕ АЗ БЕҲТАРИН САРВАТҲОИ ТАБИӢ БУДА, ДАР РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ, ИҚТИСОД ВА ТАЪМИНИ НЕКӮАҲВОЛИИ АҲОЛӢ НАҚШИ КАЛИДӢ ДОРАД. ДАР ЗАМОНИ МУОСИР БО ДАРНАЗАРДОШТИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ ВА ТОРАФТ АФЗОИШ ЁФТАНИ ТАЛАБОТ БА ИН НЕЪМАТИ ТАБИӢ, МАСЪАЛАИ ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ВА ИДОРАКУНИИ ОҚИЛОНАИ МАНБАЪҲОИ ОБ АҲАММИЯТИ ХОСА ПАЙДО НАМУДААСТ.**



*Шурои ҳавзавии дарёи Сир*

Барои истифодаи оқилонаи об танҳо мавҷудияти инфрасохтори обёрӣ кофӣ нест. Низоме зарур аст, ки баҳри мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои гуногуни соҳаи об, кишоварзон, ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ва мардуми маҳаллӣ имкони дар якҷоягӣ ҳаллу фасл намудани масъалаҳои муҳими марбут ба обу обёриро ба вуҷуд орад. Дар ҳавзаи дарёи Сир қаблан чунин механизми ҳамкории доимӣ мавҷуд набуд.

Аммо бо қабули Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2015, таҳти №791 тасдиқ шудааст, дар ин самт тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Дар татбиқи амалии ислоҳоти соҳаи оби кишвар Лоиҳаи миллии Идоракунии захираҳои об (ЛМИЗО), ки аз ҷониби консорсиуми созмонҳои байналмилалӣ таҳти роҳбарии ҲЕЛВЕТАС Свисс Интеркооперейшн дар доираи созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Швейтсария амалӣ мешавад, нақши муҳим дорад.

### АЗ ТАШКИЛИ НИҲОДҲО ТО БА РОҲ МОНДАНИ ҲАМКОРӢ

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи лоиҳа мусоидат намудан ба таъсис ва рушди ниҳодҳои миллии идоракунии ҳавзаҳои дарёҳо буд. Дар ин замина Ташкилоти ҳавзавии дарё (ТХД) ва Шурои ҳавзавии дарё (ШХД) таъсис дода шуда, ҳамчунин муколамаҳо дар сатҳи зерҳавзаҳо ва гурӯҳҳои кории техникӣ ташкил карда шуданд, ки ба таҳия ва татбиқи нахустин Нақшаи идоракунии қисми тоҷикистонии ҳавзаи дарёи Сир барои солҳои 2021-2025 мусоидат намуданд.

Дар радифи рушди институтсионалӣ, дар доираи лоиҳа корҳои зиёде дар самти барқарорсозии инфрасохтори муҳими ирригатсионӣ ва омӯзиши кишоварзон анҷом дода шудаанд, ки ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи об тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакунандаи об мусоидат менамоянд.

### ҚАДАМ БА ҚАДАМ

Дар марҳалаи аввали Лоиҳаи миллии идоракунии захираҳои об (2014-2018) гурӯҳи корӣ оид ба рушди идоракунии ҳавзавӣ таъсис дода шуд. Баъдан дар заминаи он Ташкилоти ҳавзавии дарёи Сир (ТХД) - Раёсати захираҳои оби минтақаи ҳавзавии Сирдарё (РЗОМҲС) таъсис ёфт.

Дар тӯли шаш сол муколамаи ҳавзавӣ бо иштироки мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои соҳаи об, кишоварзон ва ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об рушд кард. Баъдан ин майдони муколама, ки барои баррасии мушкилот ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли онҳо таъсис ёфта буд, заминаи ташаккули Шурои ҳавзавии дарёи Сир гардид.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2020, №681 тартиби таъсис ва фаъолияти шуроҳои ҳавзавии дарёҳо тасдиқ гардид. Шурои ҳавзавии дарёи Сир ва ҳайати он бо фармони дахлдори Вазорати энергетика ва захираҳои об таъсис дода шуданд ва Шуро шаш сол боз фаъолият дорад.

### ШУРОИ ҲАВЗАВӢ: АЗ МУКОЛАМА ТО БАНАҚШАГИРИИ МУШТАРАК

Барои таҳлили касбии масъалаҳо дар назди Шуро бо дастгирии лоиҳаи МИЗО чор гурӯҳи кории техникӣ таъсис дода шудааст:

*1. Гурӯҳи корӣ оид ба мониторинг ва арзёбии сифати об;*

*2. Гурӯҳи корӣ оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва коҳиши хатари офатҳо;*

*3. Гурӯҳи корӣ оид ба баланд бардоштани самаранокӣ ва маҳсулнокии истифодаи захираҳои об;*

*4. Гурӯҳи корӣ оид ба идоракунии захираҳои обҳои зеризаминӣ.*



*Ҷараёни баргузории муколама дар зерҳавзаи "Хоҷабоқирғон-Исфана-Оқсу"*

Гурӯҳҳои кории техникӣ ҳамчун як механизми экспертӣ ва машваратӣ мебошанд. Онҳо масъалаҳоро таҳлил карда, барои Шурои ҳавзавӣ ва ТХД/РЗОМҲС тавсияҳои асоснок пешниҳод мекунанд ва ба ворид намудани афзалиятҳо ба раванди банақшагирии ҳавзавӣ мусоидат менамоянд.

### МУКОЛАМАҲОИ ЗЕРҲАВЗАВӢ: РОБИТАИ ШУРОИ ҲАВЗАВӢ БО ИСТИФОДАБАРАНДАГОНИ ОБ

Дар шаш зерҳавза чор даври вохӯриҳои муколамавӣ баргузор гардид, ки дар онҳо намояндагони хоҷагиҳои деҳқонӣ, ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, мақомоти соҳаи об ва ҳифзи муҳити зист, хадамоти обтаъминкунӣ ва коммуналӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода, инчунин мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иштирок намуданд.

### ЗАНОН-ИШТИРОКЧИЁНИ ФАЪОЛИ РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ОБ

Бо мақсади таъмини иштироки занон дар ҳалли масъалаҳои марбут ба обу обёрӣ Форуми занонаи ҳавзаи дарёи Сир ташкил карда шуд. Он намояндагони мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шарикони рушд, ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, кишоварзон ва занони фаъоли ба идоракунии устувори захираҳои об манфиатдорро ба ҳам овард. Ҳадафи асосии Форум фароҳам овардани шароитест, ки занон на танҳо андешаи худро баён карда тавонанд, балки дар таҳияи қарорҳои марбут ба идоракунии захираҳои об  фаъолона иштирок намоянд. Таъсиси чунин платформа қадами муҳиме дар роҳи татбиқи принсипҳои баробарии гендерӣ дар соҳаи об гардид.

### ШАШ СОЛИ МУКОЛАМА ВА ПАНҶ СОЛИ ФАЪОЛИЯТИ ШУРОИ ҲАВЗАВӢ

Дар тӯли 11 соли муколамаи ҳавзавӣ низоми ҳамкориҳо тавре ташаккул ёфтааст, ки истифодабарандагони об ва мутахассисони соҳаи обро имрӯз ба пуррагӣ ба ҳам мепайвандад. Тӯли шаш соли аввал майдони муколама фаъолият менамуд ва беш аз панҷ сол аст, ки Шурои ҳавзавии дарёи Сир амал мекунад. Натиҷаҳои ин раванд дар он зуҳур меёбад, ки мушкилоти истифодабарандагони об бевосита ба Шуро пешниҳод шуда, ҳангоми банақшагирии ҳавзавӣ пешниҳод ва андешаҳои тамоми ҷонибҳо ба назар гирифта мешаванд.

### АЗ АВВАЛИН НАҚШАИ ҲАВЗАВӢ ТО ДАВРАИ НАВИ БАНАҚШАГИРӢ

Лоиҳа ба таҳия ва татбиқи “Нақшаи идоракунии ҳавзаи дарёи Сир дар қисми тоҷикистонии минтақаи ҳавзавии дарёи Сир барои солҳои 2021-2025” мусоидат намуд. Бо истифода аз таҷрибаи андӯхташуда, омодасозии нақшаи нави идоракунии ҳавза барои солҳои 2026-2030 оғоз гардид, ки 10 марҳилаи асосиро дар бар мегирад. Ҳадафи нақша арзёбии вазъи кунунии ҳавза ва муайян намудани вазифаҳои мушаххас оид ба истифода ва ҳифзи захираҳои об то соли 2030 ва барои дурнамои минбаъда мебошад.

### АЗ ДАСТГИРИИ ЛОИҲАВӢ ТО НИЗОМИ УСТУВОРИ ИДОРАКУНИИ ҲАВЗАВӢ

Таҷрибаи қисми тоҷикистонии ҳавзаи дарёи Сир нишон медиҳад, ки ислоҳоти соҳаи идоракунии захираҳои об рушди ҳамзамони ниҳодҳои давлатӣ, таҳияи механизми иштироки ҷонибҳои манфиатдор, дастгирии коршиносӣ ва банақшагирии ҳавзавиро тақозо мекунад.

Вазифаҳои асосии Раёсати захираҳои оби минтақаи ҳавзавии дарёи Сир ва Ташкилоти Ҳавзавии дарёи Сир рушди иқтидор, ташкили низоми мониторинг, таҳияи Нақшаи ҳавзавӣ, таъсис ва идоракунии пойгоҳҳо, инчунин муайян намудани афзалиятҳо ва андешидани чораҳои муҳим дар доираи нақшаҳои идоракунии ҳавзаҳои дарёро дар бар мегиранд.

Натиҷаи муҳимтарини институтсионалӣ дар он ифода меёбад, ки сохторҳо ва механизмҳое, ки дар ибтидо бо дастгирии Лоиҳаи миллии идоракунии захираҳои об таъсис ва дастгирӣ ёфтаанд, ба низоми давлатӣ ворид гардиданд. Таҷрибаи Шурои ҳавзавӣ ва Раёсати захираҳои оби ҳавзаи дарёи Сир як таҷрибаи пешрафта ва намунаи муфид барои дигар ҳавзаҳои дарёии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Арзиши асосии ин таҷриба дар гузариш аз татбиқи чорабиниҳои алоҳида ба низоми доимии ҳамкорӣ, таҳлили коршиносӣ ва банақшагирии ҳавзавӣ мебошад.

Ҳамин тавр, Лоиҳаи миллии идоракунии захираҳои об дар қисмати тоҷикистонии ҳавзаи дарёи Сир, ки аз ҷониби консорсиуми созмонҳои байналмилалӣ таҳти роҳбарии ҲЕЛВЕТАС бо иштироки АКТЕД ва GIZ амалӣ гардид, дар татбиқи амалии Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳим бозид. Лоиҳа барои ташаккули низоми устувор, самаранок ва ҳамгирои идоракунии захираҳои об заминаи мустаҳкам гузошт ва ба таҳкими нақши Тоҷикистон ҳамчун кишвари масъул дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ дар масъалаи идоракунии устувор, самаранок ва ҳамгирои захираҳои об мусоидат намуд.

# АЗ АУДИТОРИЯ ТО БОЗОРИ МЕҲНАТ

## КОРЕЯ БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ТОҶИК ЧӢ ПЕШНИҲОД МЕКУНАД?

**ТАҲСИЛ ДАР ХОРИҶ ТАНҲО ГИРИФТАНИ ДИПЛОМ НЕСТ. БАРОИ БИСЁРЕ АЗ ҶАВОНОН МУҲИМТАР АЗ ДИПЛОМ ИН АСТ, КИ ПАС АЗ ХАТМ БО ИХТИСОСИ ХУД КОР ПАЙДО КУНАНД. МАҲЗ ҲАМИН РАВИШ ДАР НАМОИШГОҲИ КОЛЛЕҶҲОИ КАСБИИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ ДАР ДУШАНБЕ БА НАЗАР МЕРАСИД, МАСИРЕ, КИ АЗ ИНТИХОБИ ИХТИСОС ОҒОЗ ШУДА, МЕТАВОНАД БА ТАҲСИЛ, ХАТМ, КОР ВА ДАР ҲОЛАТҲОИ ПЕШБИНИНАМУДАИ ҚОНУНГУЗОРӢ БА ИДОМАИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ ВА ИҚОМАТ ДАР КОРЕЯ РАСОНАД.**






Рӯзи 13-уми сентябри соли 2026 дар меҳмонхонаи «Ҳаятт Реҷенсӣ Душанбе» намоишгоҳи таҳсил дар коллеҷҳои касбии Кореяи Ҷанубӣ баргузор шуд. Дар он намояндагони муассисаҳои таҳсилоти касбии ин кишвар иштирок намуда, ба ҷавонони тоҷик дар бораи ихтисосҳо, тартиби қабул, шароити таҳсил ва имкониятҳои рушди минбаъдаи касбӣ маълумот доданд. Намоишгоҳ бо дастгирии Сафорати Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ дар Тоҷикистон баргузор шуда, соли дуюм аст, ки чунин чорабинӣ дар Душанбе ташкил мегардад.

### АЗ ИНТИХОБИ ИХТИСОС ТО ИНТИХОБИ КАСБ

Яке аз фарқиятҳои муҳими ин намоишгоҳ дар он буд, ки ба довталабон танҳо маълумот дар бораи донишгоҳҳо пешниҳод нашуд. Барои ҳар як муассисаи таълимӣ гӯшаи махсуси роҳнамоии касбӣ ташкил гардида буд. Дар ин гӯшаҳо ҷавонон метавонистанд бо намояндагони коллеҷҳо мустақиман суҳбат карда, дар машваратҳои инфиродии 1:1 иштирок намоянд. Ба онҳо вобаста ба шавқу қобилият ва ихтисоси интихобкардаашон роҳҳои таҳсил ва имкониятҳои фаъолияти минбаъдаи касбӣ шарҳ дода мешуд. Яъне, довталаб аз аввал тасаввур мекунад, ки роҳи ӯ чӣ гуна буда метавонад: интихоби ихтисос, дохил шудан ба муассисаи таълимӣ, гирифтани таҳсилоти касбӣ, хатм ва ҷустуҷӯи имконияти кор аз рӯи ихтисос. Коллеҷҳои касбии Корея вобаста ба ихтисос барномаҳои дусола, сесола ва чорсоларо пешниҳод мекунанд. Дар баъзе муассисаҳо инчунин барномаҳои идомаи таҳсил амал мекунанд, ки ба донишҷӯ имкони гирифтани дараҷаи бакалаврро фароҳам меоранд. Яке аз бартариҳои чунин низом пайвастани таҳсилоти назариявӣ бо омӯзиши амалӣ ва омодагӣ ба бозори меҳнат мебошад. Дар шароите ки иқтисоди Корея ба мутахассисони дорои малакаҳои мушаххас ниёз дорад, таҳсилоти касбӣ метавонад барои ҷавонони тоҷик роҳи нисбатан мустақими омӯхтани касб ва омодагӣ ба фаъолияти меҳнатӣ бошад. Дар намоишгоҳи соли 2026 намояндагони 10 коллеҷи касбии Кореяи Ҷанубӣ иштирок карданд. Муассисаҳо самтҳои касбии худро доранд ва барои довталабон имкони муқоисаи ихтисосҳо, барномаҳои таълимӣ ва дурнамои рушди касбиро фароҳам меоранд. Барои донишҷӯи тоҷик ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки пеш аз қабули қарор ӯ метавонад на танҳо номи донишгоҳ ва ихтисос, балки дурнамои касбии баъди хатмро низ омӯзад.

### ИМКОНИЯТЕ, КИ АЗ ЯК САВОЛ ОҒОЗ МЕШАВАД

Иштирок дар намоишгоҳ ройгон буд ва довталабон имконият доштанд маълумоти мустақимро аз намояндагони муассисаҳои таълимӣ дастрас кунанд. Шояд барои як ҷавон ин танҳо як вохӯрии иттилоотӣ бошад. Аммо барои дигаре метавонад оғози интихоби касбе шавад, ки ҷанд соли ояндаи зиндагии ӯро муайян мекунад. Маҳз дар ҳамин нукта таваҷҷуҳ ба таҳсилоти касбии Кореяи Ҷанубӣ барои ҷавонони тоҷик аҳаммият пайдо мекунад, таҳсил ҳамчун роҳи гирифтани касб, омӯхтани малакаҳои амалӣ ва омодагӣ ба фаъолияти меҳнатӣ. Ва шояд муҳимтарин паёми намоишгоҳ имсола ҳамин бошад: интихоби дурусти ихтисос метавонад на танҳо интихоби донишгоҳ, балки интихоби роҳи ояндаи зиндагӣ бошад.

**Камолиддин ҲАННОНӢ**

# АРЗИШИ МУҚАДДАСИ ДАВЛАТДОРӢ

**Имсол мардуми сарбаланди Тоҷикистон 35-солагии Истиқлоли давлатии кишварро бо шукӯҳу шаҳомати хоса ва бо эҳсоси шукргузорӣ аз фазои орому осуда таҷлил карданд. Сию панҷ сол барои таърихи давлатдорӣ муҳлати чандон тӯлонӣ нест, аммо барои Тоҷикистони соҳибистиқлол ин давра пур аз рӯйдодҳои тақдирсоз, имтиҳонҳои сангин, созандагиву бунёдкорӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ буд.**



9-уми сентябри соли 1991 Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон расман эълон гардид. Аз ҳамин сана марҳалаи нави таърихи давлатдории тоҷикон оғоз шуд ва Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақилу соҳибихтиёр ба арсаи байналмилалӣ ворид гардид.

Истиқлол барои ҳар миллат бузургтарин неъмат аст. Зеро маҳз истиқлол имкон медиҳад, ки миллат тақдири худро мустақилона муайян намояд, давлатдории миллиро таҳким бахшад, забон, фарҳанг, таърих ва арзишҳои маънавии худро ҳифз намояд ва рушд диҳад. Барои мо, тоҷикон, истиқлол ҳамзамон рамзи эҳёи давлатдории миллӣ ва масъулияти бузург дар назди наслҳои имрӯз ва оянда мебошад.

Аммо солҳои нахустини соҳибистиқлолӣ барои Тоҷикистон осон нагузаштанд. Кишвари тозаистиқлол ба мухолифатҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардид. Дар чунин шароити мураккаб барқарор намудани сулҳ, ҳифзи ягонагии давлат ва сарҷамъии миллат ба масъалаи ҳаётан муҳим табдил ёфт.

Дар ҳамин марҳала нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарнавиштсоз буд. Пешвои миллат роҳи сулҳсозиро пеш гирифтанд ва бо мухолифин вориди музокирот шуданд, то ки Тоҷикистони азизи мо порa-пора нашавад. Музокироти сулҳ хашт даври гуфтушунид ва шаш мулоқоти Президент бо роҳбари мухолифинро дар бар гирифт. Натиҷаи ин раванди тӯлонӣ 27-уми июни соли 1997 бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Москва ҷамъбаст гардид. Ин созишнома, ки аз хиради Пешвои миллати мо сарчашма мегирад, барои анҷоми муқовимати мусаллаҳона ва барқарорсозии кишвар заминаи ҳуқуқию сиёсӣ фароҳам овард.

Аз ин рӯ, мафҳумҳои Истиқлол, сулҳ ва ваҳдати миллӣ барои мардуми Тоҷикистон аз ҳам ҷудо нестанд. Истиқлол бидуни сулҳу субот пойдор буда наметавонад ва сулҳу ваҳдат низ танҳо дар шароити давлатдории устувор, волоияти қонун ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ҳифз мегардад.

Дар марҳалаи баъдӣ таҳти роҳбарии Пешвои миллат раванди барқарорсозии кишвар, таҳкими ниҳодҳои давлатӣ, рушди қонунгузорӣ ва эҷоди шароити зарурӣ барои фаъолияти муназзами соҳторҳои давлатдорӣ идома ёфт.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон соҳиби Конститутсия, низоми қонунгузории миллӣ, рамзҳои давлатӣ, Қувваҳои Мусаллаҳ ва сохторҳои мустақили давлатӣ гардид. Дар кишвар заминаҳои ҳуқуқӣ барои таъмини волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ташаккул ёфтанд.

Давлати ҳуқуқбунёд ҳамон вақт устувор мегардад, ки ҳар шахс, шурӯъ аз шаҳрванди одӣ то мансабдор қонунро эҳтиром намояд ва иҷрои талаботи онро вазифаи шаҳрвандии худ донад. Таҷрибаи солҳои соҳибистиқлолӣ нишон дод, ки сулҳу оромӣ худ аз худ пойдор намемонад. Он ба масъулият, таҳаммул, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми ҳуқуқи дигарон ва фарҳанги баланди ҳуқуқӣ ниёз дорад.

Имрӯз ҳифзи дастовардҳои Истиқлол, таҳкими қонуният, таъмини суботу амният ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ аз вазифаҳои муҳим ба шумор мераванд.

Истиқлол мероси гаронбаҳои миллат, сулҳ кафили оромии ҷомеа ва ваҳдат асоси пойдории давлат аст. Ҳифзи ин арзишҳо маънои ҳифзи Тоҷикистон, имрӯз ва ояндаи он мебошад.

**Д. М. САИДЗОДА,**
**ёрдамчии калони прокурори шаҳри Душанбе оид ба назорати иҷрои қонунҳо дар МНДМ ва МК, мушовири адлияи дараҷаи 1**

## Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ:

# «ШОҲНОМА» СИПАРИ ФАРҲАНГИИ МОСТ!




**ДОКТОР МУҲАММАДҶАЪФАРИ ЁҲАҚӢ АЗ ЧЕҲРАҲОИ ШИНОХТАИ АДАБИЁТШИНОСИИ ЭРОН, МУҲАҚҚИҚИ «ШОҲНОМА» ВА УСТОДИ ДОНИШГОҲИ ФИРДАВСИИ МАШҲАД АСТ. Ӯ БЕШ АЗ НИМ АСР ДАР ПАЖӮҲИШИ АДАБИЁТИ ФОРСӢ, МЕРОСИ ФИРДАВСӢ, ТАЪРИХИ НАСРИ ФОРСӢ ВА РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГИИ ЭРОНУ ТОҶИКИСТОН ФАЪОЛИЯТ ДОРАД. ЁҲАҚӢ ТОҶИКИСТОНРО АЗ СОЛҲОИ НАХУСТИНИ ИСТИҚЛОЛ МЕШИНОСАД, БЕШ АЗ СӢ БОР БА КИШВАРИ МО ОМАДААСТ ВА ДАР МУАРРИФИИ ОСОРИ ДОНИШМАНДОНИ ТОҶИК ДАР ЭРОН САҲМ ГУЗОШТААСТ. АЙНИ ЗАМОН УСТОД ЁҲАҚӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ҲАСТАНД ВА ДАР ЧОРАБИНИҲОИ БАХШИДА БА ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ ШИРКАТ ДОРАНД. БО ЭШОН СУҲБАТЕ ОРОСТЕМ, КИ ФИШУРДАИ ОН МАНЗУРИ ШУМО МЕШАВАД.**

**- Устод, дар рӯзҳое, ки Эрон мавриди ҳамлаҳои мусаллаҳона қарор гирифт, мушоҳида кардам, ки эрониён бештар ба «Шоҳнома» рӯ оварданд. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба воситаи ҳуши маснуӣ гоҳ Рустамро “зинда” мекарданду гоҳ “Исфандиёр”-ро. Чӣ асроре дар ин асар ҳаст, ки ҳар гоҳ мушкиле пеш меояд, мардум ба он паноҳ мебаранд?**

- Чун ин душворӣ ба сарзамини мо, ба ҳувияти мо марбут буд. Вақте сарзамину ҳувияти мо дучори хатар мешавад, мо ба «Шоҳнома» рӯ меорем, зеро «Шоҳнома», тавре устод Гулрухсор мегӯяд - Ватан аст. Вақте ватан дар маърази хатар қарор мегирад, инсон мекӯшад худро бештар ҳифз кунад. Худи «Шоҳнома» ҳам дар давраҳои душвор ба вуҷуд омадааст. Ҳам дар давраҳое, ки ривоятҳои он шакл мегирифтанд ва ҳам дар замоне, ки Фирдавсӣ онро ба назм медаровард, ҳувияти эронӣ ва забони форсӣ дар маъразi хатар буданд. «Шоҳнома» барои ҳифзи ҳувият, забони форсӣ ва ҳувияти ватанӣ ба вуҷуд омад ва ин арзишҳоро дар баробари таҳоҷуми душманон ҳифз кард. Имрӯз ҳам вақте чунин иттифоке меафтад, мо ба «Шоҳнома» рӯ меорем, то худро дар баробари хатарҳо бима кунем. «Шоҳнома» моро дар баробари ҳаводис, мушкилот, таҳдидҳо ва таарузҳо муқовим мекунад ва ин рӯҳия барои ҷомеа бисёр муҳим аст.

Албатта, дар Эрон қаблан ҳам таваҷҷуҳ ба «Шоҳнома» зиёд буд, вале ин ҷанг боиси бозгашти бештар ба он шуд. Ҳатто дӯстони Эрон низ ба «Шоҳнома» рӯ оварданд. Дар ҷангҳои классикӣ аскарону афсарон сипар доранд, «Шоҳнома» сипари фарҳангии мост.

**- Тоҷикистон низ дар ин авохир ба «Шоҳнома» рӯ меорад. Бо тасмими Президенти Тоҷикистон ин асар ба ҳар хонаводаи кишвар тақдим шуд. Ҷомеаи илмиву фарҳангии Эрон ин иқдоми раисҷумҳури моро чӣ гуна қабул карданд?**

- Ин пеш аз ҳама нишонаи таваҷҷуҳ ба худ ва ҳувияти худ аст. Албатта, маъноаш ин нест, ки узви ҳар хонавода ҳатман тамоми «Шоҳнома»-ро бихонад. Аммо ҳузури «Шоҳнома» дар ҳар хонавода худ як рамз аст, рамзи пайванд бо гузаштаи худ, бо фарҳанг ва ҳувияти худ. Дер ё зуд, касе аз аҳли хона ин китобро мехонанд. Ҷомеаи илмиву фарҳангии Эрон аз ин тасмим истикбол кард. Дар суханрониҳо ва суҳбатҳо низ борҳо аз он ёд шуд. Дар Эрон ҳамеша «Шоҳнома» мехонданд. Дар ҳар шаҳр мумкин аст 10-15 маҳфили «Шоҳномахонӣ» бошад. Омӯзиши «Шоҳнома» ва шинохти он солҳост идома дорад. Аммо ба ҳар хона тақдим шудани «Шоҳнома» кори бисёр наҷиб аст.

**- Таърих мову шуморо аз ҳам ҷудо кард ва имрӯз талош мекунем пайвандҳоро дубора тақвият диҳем. «Шоҳнома» дар ин роҳ чӣ нақш дошта метавонад?**

- Робитаҳои илмии мо ҳанӯз маҳдуданд. Ҳатто агар донишмандони мо якҷо ҳам бошанд, масъалаи хат монеа эҷод мекунад. Аммо «Шоҳнома» хати иртиботи мову шумост. Он мисли таноб ё нахест, ки мову шуморо ба ҳам мепайвандад. Ин заминае поянда ва пойдор аст.

«Шоҳнома» дар умқи фарҳанги мост, дар тамоми аҷзои фарҳанги мост. Ман «Шоҳнома» мехонам, шумо ҳам мехонед. Бинобар ин, он яке аз муҳкамтарин василаҳои пайванд аст.

**- Агар дар бораи робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Эрон бигӯем, ба назар мерасад, ки ҳанӯз ҳамдигарро ба қадри кофӣ намешиносем. Чаро?**

- Мутаассифона, дар Эрон сиёсатҳои нодурусти гузашта ба ин масъала таъсири зиёд гузоштаанд. Режими пешини Эрон бо Амрико наздик ва бо Иттиҳоди Шуравӣ дар рақобат буд. Тоҷикистон низ ҳамчун бахше аз Иттиҳоди Шуравӣ шинохта мешуд. Дар давраи ҷавонии мо худи калимаи «Шуравӣ», «коммунист», номҳои Ленин ва Сталин бо як фазои тарс ва душманӣ ҳамроҳ буданд. Равуои аҳли фарҳанг низ бисёр маҳдуд буд. Танҳо шумораи ками одамон имкони сафар доштанд.

Аз ҳамин сабаб то чанд даҳсола пеш Тоҷикистон барои бисёре аз мардуми Эрон кишвари ношинохта буд.

Пас аз Истиқлоли Тоҷикистон ин мушкил оҳистаоҳиста рафъ шуд. Мардуми мо ба Тоҷикистон иштиёқ доранд, аммо расонаҳои Тоҷикистон дар Эрон ҳанӯз он қадар шинохта нестанд. Яке аз сабабҳо ҳамин фарқи хат аст. Ёдам ҳаст, вақте кӯдак будам, радиои тоҷикро мешунидем. Баъдан миёни мо деворҳое пайдо шуданд, ки хушбахтона имрӯз бисёре аз онҳо аз байн рафтаанд. Ман бо боварӣ мегӯям, ки ҳар касе аз Эрон ба Тоҷикистон омадааст, ин кишварро дӯст доштааст ва орзу кардааст, ки боз биёяд. Имрӯз иртиботи ҳавоӣ ҳаст. Агар иртиботи заминӣ низ осонтар шавад, боз беҳтар хоҳад буд. Масалан, Машҳад аз назари ҷуғрофиёӣ ба Тоҷикистон хеле наздик аст.

**- Тоҷикистон ҳам назми қавӣ дорад ва ҳам насри арзишманд. Аммо адабиёти муосири тоҷик дар Эрон ҳанӯз кам шинохта шудааст.**

- Бале, ҳамон омилҳое, ки гуфтам, ба ин масъала ҳам таъсир гузоштаанд. Тақрибан 30 сол қабл ман китобе навишта будам бо номи “Чун сабӯи ташна”, ки як бахши он ба адабиёти муосири тоҷик бахшида шудааст. Вақте онро назди ношир бурдам, ӯ пурсид: «Инҳо кистанд?». Ҳатто пешниҳод кард, ки он бахшро ҳазф кунем. Аммо ман исрор кардам, ки бояд чоп шавад. Имрӯз вазъ беҳтар шудааст. Дар Эрон дар бораи адабиёти Тоҷикистон навиштаанд ва таҳқиқ кардаанд, вале табиист, ки тамоми ин адабиётро якбора бозгардонӣ ва муаррифӣ кардан осон нест. Ҳоло ҳатто нашриёте дорем, ки махсус адабиёти Осиёи Миёнаро чоп мекунад. Китобҳои тоҷикон низ дар Эрон нашр мешаванд. Ин раванд рӯ ба беҳбудӣ дорад.

**- Шумо худатон Тоҷикистонро кай шинохтед?**

- Аз кӯдакӣ. Радио гӯш мекардам, ки ба забони форсӣ мегуфт: «Ин ҷо Сталинобод, пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон». Барои ман бисёр ҷолиб буд. Бо худ мегуфтам: “Ин Сталинобод, ки пойтахти Тоҷикистон аст, куҷост?”. Ин суол ҳамеша дар зеҳнам буд. Соли 1994, вақте шунидам, ки дар Тоҷикистон ҳазораи Фирдавсӣ баргузор мешавад, азм кардам биёям. Мо бо як ҳавопаймои вижа омадем. Аз Машҳад ман танҳо будам. Он замон Тоҷикистон даргири ҷанги шаҳрвандӣ буд. Аммо ман вақте ба Тоҷикистон расидам, ошиқи ин кишвар шудам. Ҳатто ашк мерехтам, ки билохира он кишвареро, ки солҳо дар тасаввурам буд, мебинам. Гарчанде шароити зиндагӣ он солҳо бисёр душвор буд, мо гӯё ин мушкилотро намедидем.

**- Яъне то соли 1994 бо адабиёт ва адибони Тоҷикистон чандон ошно набудед?**

- Аз тариқи китоби Саид Нафисӣ дар бораи Рӯдакӣ баъзе маълумот доштам. «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ ҳам дар Эрон чоп шуда буд ва ман онро хонда будам. Аммо дигар шоирону нависандагон ва донишмандони Тоҷикистонро қариб намешинохтам.

**- Баъдан худи шумо барои даъват ва муаррифии бисёре аз донишмандони тоҷик дар Эрон талош кардед...**

- Бале, хеле зиёд. Расул Ҳодизода, Аълохон Афсаҳзод, Ҷӯрабек Назрӣ, Мирзо Муллоаҳмад, Абдунабӣ Сатторзода, устод Муҳаммадҷон Шакурӣ, Абдулқодир Маниёзов, Назирҷон Турсунов, Абдуманнони Насриддин ва донишмандони дигарро даъват кардем. Китобҳои баъзеи онҳоро ҳам чоп кардем. Худам ҳам беш аз 30 маротиба ба Тоҷикистон омадаам.

**- Имрӯз ҳам имкони идомаи ҳамин равобити илмӣ ва даъвати донишмандони тоҷик вуҷуд дорад?**

- Бале, албатта. Соли гузашта як гурӯҳ пажӯҳишгарони тоҷикро ба муносибати Рӯзи Рӯдакӣ даъват кардем. Мо дар Эрон Рӯзи Рӯдакиро моҳи декабр ҷашн мегирем, шумо дар Тоҷикистон моҳи сентябр.

Он ҷо бо пешниҳоди устод Абдунабӣ Сатторзода суҳбат шуд, ки хуб аст ин барномаҳо бештар ба шакли муштарак баргузор шаванд, яъне дар як рӯз. Ҳамкориҳо идома доранд. Фақат бояд бештар ба онҳо таваҷҷуҳ кунем. Зеро заминаи ин ҳамкорӣ вуҷуд дорад ва решаи он бисёр амиқтар аз муносибатҳои расмии имрӯз аст.

*МАЪЛУМОТНОМА*

*Муҳаммадҷаъфари Ёҳақӣ соли 1947 дар шаҳри Фирдавси Хуросони Ҷанубии Эрон ба дунё омадааст. Ӯ адабиётшинос, Фирдавсишинос, пажӯҳишгари «Шоҳнома» ва устоди муммтози Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад мебошад. Ёҳақӣ узви пайвастаи Фарҳангистони забон ва адаби форсии Эрон буда, солҳои тӯлонӣ дар марказҳо ва тарҳҳои марбут ба Фирдавсӣ, «Шоҳнома» ва адабиёти Хуросон фаъолият кардааст. Ӯ муаллиф ва муҳаррири даҳҳо китоб ва садҳо мақолаи илмӣ аст. Аз осори маъруфаш «Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ», «Чунин гуфт деҳқон», «Аз Пож то дарвозаи Разон», «Роҳнамои нигориш ва вироиш», «Сухани ошно», “Чун сабӯи ташна” ва пажӯҳишҳояш дар бораи «Таърихи Байҳақӣ» мебошанд.*

*Доктор Ёҳақӣ аз донишмандони эронист, ки робитаи тӯлонӣ бо муҳити адабиву илмии Тоҷикистон дорад. 8-уми сентябри соли 2026 ӯ ба узвияти расмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пазируфта шуд.*

**Мусоҳиб: Одил НОЗИР**

# БОНГИ ИЗТИРОБ АЗ РЕХТАНИ МӮЙИ САР

> **ДАР ЯК ШАБОНАРӮЗ РЕХТАНИ 50-100 ТОРИ МӮЙ БАРОИ ИНСОН ОДАТАН ҲОЛАТИ МУҚАРРАРӢ БА ҲИСОБ МЕРАВАД. АММО АГАР МӮЙ НАЗАР БА ПЕШ ХЕЛЕ БЕШТАР РЕЗАД, ҶОЙҲОИ КАММӮЙ ПАЙДО ШАВАНД Ё СОХТОРИ МӮЙ ТАҒЙИР ЁБАД, ИН МЕТАВОНАД НИШОНАИ МУШКИЛОТИ САЛОМАТӢ БОШАД.**



## ЧӢ ҚАДАР РЕХТАНИ МӮЙ МУҚАРРАРӢ АСТ?

Одатан инсон дар як рӯз аз 50 то 100 тор мӯй аз даст медиҳад. Ин як қисми табиии давраи рушди мӯй аст: мӯй муддате фаъолона месабзад, баъдан ба давраи оромӣ мегузарад ва дар ниҳоят мерезад. Азбаски ин раванд дар ҳамаи мӯйҳо ҳамзамон сурат намегирад, мо одатан рехтани мӯйро ба таври ҷиддӣ эҳсос намекунем. Мӯй бештар ҳангоми шустан ё шона кардан мерезад. Агар миқдори он дар ҳадди муқаррарӣ бошад, ин ба ғафсии умумии мӯй таъсири назаррас намерасонад, зеро ба ҷойи мӯйҳои рехта мӯйҳои нав месабзанд.

## КАЙ БОНГИ ИЗТИРОБ ЗАНЕМ?

**Рехтани ғайримуқаррарии мӯйро алопетсия меноманд. Дар ҳолатҳои зерин бояд ба ин масъала ҷиддӣ муносибат кард:**

- *Мӯй дар шона, рӯйи болишт ё дохили обрави ҳаммом назар ба пеш ба таври возеҳ бештар ҷамъ мешавад;*
- *Ҷойҳои каммӯй пайдо мешаванд, масалан, ҷудоии мӯй васеъ шуда, пӯсти сар намоён мегардад;*
- *Мӯй на танҳо мерезад, балки борик, заиф ва зудшикан мешавад.*

Баъзан рехтани мӯй метавонад ногаҳон ва хеле зиёд ба назар расад. Масалан, пас аз фишори шадиди равонӣ, таваллуд ё бемории сироятӣ чунин ҳолат рух медиҳад. Дар ин вазъ мӯй метавонад ба таври даста-даста резад, ҳарчанд сабаби асосӣ ҳатман аз меъёри рӯзонаи рехтани мӯй зиёд шудани он нест.

## САБАБҲОИ АСОСӢ

**Сабабҳо гуногун буда, аксаран якчанд омил ҳамзамон таъсир мерасонанд:**

- *Ихтилоли ҳормонӣ - бемориҳои ғадуди сипаршакл, бемории тухмдонҳои серкиста, давраи қатъ шудани ҳайз, ҳомилагӣ ва дигар тағйироти ҳормонӣ.*
- *Ихтилоли низоми масуният - дар баъзе ҳолатҳо низоми масуният ба решаҳои мӯй ҳамла мекунад ва боиси пайдо шудани ҷойҳои даврашакли бемӯй мегардад.*
- *Норасоии моддаҳои ғизоӣ - камбуди оҳан, рӯҳ, селен, баъзе витаминҳои гурӯҳи B, витамини D ва аминокислотаҳои зарурӣ метавонад ба ҳолати мӯй таъсир расонад.*
- *Фишори равонӣ ва хастагии зиёд - зарбаи шадиди асабӣ, камхобии доимӣ, таваллуди вазнин ё якбора кам кардани вазн метавонанд боиси рехтани зиёди мӯй шаванд.*
- *Бемориҳои пӯсти сар - дерматити себореягӣ, псориаз ва бемориҳои занбурӯғӣ боиси илтиҳоб ва осеб дидани решаҳои мӯй мешаванд.*
- *Истифодаи шонаи сахт, бастани мӯй ба таври хеле танг, истифодаи зуд-зуди асбобҳои гармкунандаи мӯй ва таъсири моддаҳои кимиёвӣ метавонанд мӯйро заиф кунанд.*
- *Кандани маҷбурии мӯй - одати беихтиёр ё маҷбурии кандани мӯй низ метавонад боиси камшавии он гардад.*
- *Истифодаи баъзе доруҳо - бархе доруҳо метавонанд ҳамчун таъсири иловагӣ боиси рехтани мӯй шаванд.*
- *Заҳролудшавӣ ва таъсири омилҳои зараровари беруна - аз ҷумла таъсири баъзе металлҳои вазнин, шуоъдиҳӣ ва табобати кимиёвӣ.*
- *Омили ирсӣ - майли ирсӣ низ метавонад сабаби бемӯйшавии тадриҷӣ гардад.*

## КАЙ БА ТАБИБ МУРОҶИАТ КУНЕМ?

Агар шумо афзоиши ғайримуқаррарии рехтани мӯйро мушоҳида кунед, ташрифи табибро ба таъхир нагузоред. Аввал метавонед ба табиби умумӣ муроҷиат кунед. Дар ҳолати зарурӣ ӯ шуморо ба назди мутахассиси мувофиқ, аз ҷумла табиби бемориҳои мӯй, пӯст, ғадудҳои дарунӣ ё дигар мутахассисон равона мекунад. Муҳим аст, ки сабаби рехтани мӯйро худсарона муайян карда, бе маслиҳати табиб ба табобат шурӯъ накунед. Муайян кардани сабаби мушкилот дар марҳалаи аввал ва сари вақт муроҷиат кардан ба мутахассис метавонад имкони бартараф кардани онро бештар кунад.



## МУШКИЛОТЕ, КИ ЙОД ҲАЛ МЕКУНАД

> **«ТОРИ ЙОД» ЯКЕ АЗ УСУЛҲОИ МАЪМУЛИ МАРДУМӢ БАРОИ РАФЪИ НИШОНАҲОИ ШАМОЛХӮРӢ БА ШУМОР МЕРАВАД.**

Баъзеҳо маҳлули йодро ба шакли торча ба болҳои бинӣ, гулӯ ё қисми болоии қафаси сина мемоланд ва бовар доранд, ки он обравии бинӣ ва сулфаро кам мекунад. Тарафдорони ин усул бар онанд, ки йод ҳангоми ба пӯст гузоштан гардиши хунро дар минтақаи коркардшуда зиёд карда, метавонад баъзе реаксияҳои рефлексиро ба вуҷуд орад. Аммо барои он ки тори йод шамолхӯририро табобат мекунад ё давраи бемориро кӯтоҳ менамояд, далели қавии клиникӣ вуҷуд надорад.

Йоди маҳаллӣ бештар ҳамчун антисептик барои пешгирӣ ё табобати сирояти баъзе захмҳо ва осебҳои хурди пӯст истифода мешавад. Аз ин рӯ, истифодаи он ҳамчун воситаи асосии табобати шамолхӯрӣ ё сулфа тавсияшаванда нест. Махсусан бояд эҳтиёт кард, зеро йод метавонад боиси сурхшавӣ, хориш, сӯзиш ва дигар осебҳои пӯст гардад.

Истифодаи маҳлулҳои йодӣ дар кӯдакони хурдсол, занони ҳомила, шахсони гирифтори бемориҳои ғадуди сипаршакл ё аллергия ба маҳсулоти йодӣ бояд танҳо бо маслиҳати табиб анҷом дода шавад. Баъзе моводи йодии маҳаллӣ барои чунин гурӯҳҳо маҳдудият доранд. Дар сурати табларзаи баланд, душвории нафаскашӣ, сулфаи давомдор ё бад шудани ҳолат, беҳтар аст ба табиб муроҷиат карда шавад. Тори йод набояд ҷойгузини ташхис ва табобати тиббӣ гардад.

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Ҳафтаи нав барои шумо бо имкони ғайричашмдошт оғоз мешавад. Дар рӯзҳои аввал хабаре мегиред, ки нақшаҳоиояндаатонро дигар карда метавонад. Дар коргоҳ ташаббускор бошед, заҳматҳоятон бе натиҷа намемонанд.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Дар рӯзҳои наздик заҳмати шумо дар кор қадр карда мешавад ва эҳтимоли шунидани таъриф ё пешниҳоди хуб вуҷуд дорад. Бо вуҷуди ин, аз одамони ҳасуду суханчин худро канор гиред. Пеш аз қабули қарор ба ақл такя кунед.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Масъалаҳои молиявӣ дар ин ҳафта диққати бештари шуморо талаб мекунанд. Пеш аз харидани чизе хуб андеша кунед, то баъдтар аз хароҷоти худ пушаймон нашавед. Ҳуҷҷатҳо ва шартномаҳои марбут ба маблағро бе шитоб мутолиа намоед.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Барои ҷаддиҳо ҳафтаи нав вақти муносиб барои анҷом додани корҳои муҳим аст. Агар масъалаи ҷиддие дар пеш дошта бошед, беҳтараш онро то миёнаҳои ҳафта ба сомон расонед. Дар масъалаҳои корӣ ба ваъдаҳои дигарон зиёд такя накунед.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Ин ҳафта барои саврҳо оғози хуби як марҳалаи нав шуда метавонад. Корҳое, ки муддате ба таъхир афтода буданд, тадриҷан ба пеш ҳаракат мекунанд. Имкони ба даст овардани маблағи иловагӣ вуҷуд дорад.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Ҳафтаи нав аз шумо нерӯи зиёд талаб мекунад. Дар кор вазифаи муҳиме ба дастатон мерасад, ки иҷрои бомуваффақияти он метавонад эътимоди роҳбариятро бештар кунад. Аз кори зиёд худро хаста насозед ва барои истироҳат вақт ҷудо намоед.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Аввали ҳафта ба саломатӣ диққат диҳед ва агар имкон бошад, вақти бештарро ба истироҳат бахшед. Дар ҳаёти шахсӣ эҳтимоли бозгашти нафаре аз гузашта вуҷуд дорад, ки эҳсосоти фаромӯшшударо дубора бедор мекунад.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

Ҳафтаи нав шуморо водор мекунад, ки дар баъзе масъалаҳои шахсӣ сабру таҳаммул нишон диҳед. Агар дар муносибатҳои ошиқона нофаҳмие пайдо шавад, бо хашм қарор қабул накунед. Нимаи дуюми ҳафта каме хастагӣ эҳсос мекунед.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Ҳафтаи нав шуморо бо чанд рӯйдоди пайдарпай рӯ ба рӯ мекунад. Кӯшиш кунед дар қабули қарорҳо саросема нашавед ва пеш аз ҳар қадам оқибати онро ба назар гиред. Дар муҳити корӣ эҳтимоли ба миён омадани баҳси кӯтоҳ вуҷуд дорад.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Ин ҳафта шуморо корҳои зиёде интизоранд, беҳтараш вақти худро дуруст тақсим кунед. Масъалаи кӯҳнае, ки гумон мекардед фаромӯш шудааст, метавонад дубора ба миён ояд ва аз шумо посух талаб кунад. Даромади калонро интизор нашавед.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Дар ин ҳафта корҳои марбут ба ҳуҷҷатгузорӣ ва масъалаҳои расмиро бе шитоб анҷом диҳед. Рӯзҳои аввал дар муносибат бо ҳамкорон эҳтиёткор бошед, зеро баҳси ночиз метавонад ба муносибатҳои корӣ таъсир расонад.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Ҳафтаи нав шуморо бо корҳои зиёд машғул мекунад ва эҳтимол барои худ вақт кам пайдо кунед. Кӯшиш накунед ҳамаи масъулиятҳоро танҳо ба дӯш гиред, кумаки наздикон ё дӯстони боэътимодро қабул кунед. Барои нафарони муҷаррад эҳтимоли шиносоии дилнишин зиёд аст.

# АЗ ШЕЪРИ НИМОӢ ТО ШЕЪРИ ДОРОӢ

## Даргузашти шоир Доро Наҷот

**14-уми сентябри соли 2026 Доро Наҷот - Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва саромади шеъри сапед ё нимоӣ дар Тоҷикистон аз олам даргузашт. Чанде пеш 80-солагии мавлуди устод Дороро дар Душанбе ва ноҳияи Айнӣ таҷлил карданд. Шоир ҳамон рӯзҳо низ бемор буд. Дар маҳфили бошукӯҳе, ки дар Иттифоқи нависандагон рӯзи 9-уми май баргузор шуд, ҳузур дошт, вале дар чорабиние, ки дар Қасри фарҳанги ноҳияи Айнӣ баргузор гардид, ширкат карда натавонист…**

### АЗ УРМЕТАН ТО МАКТАБИ БУЗУРГИ СУХАН

Доро Наҷот пас аз хатми мактаби зодгоҳ ва Донишкадаи давлатии омӯзгории Ленинобод фаъолияти худро аз рӯзноманигорӣ оғоз кард. Дар рӯзномаҳои маҳаллӣ кор кард ва соли 1978 ба «Тоҷикистони советӣ» («Ҷумҳурият»-и имрӯза) омад. То соли 1991 дар ин нашрия фаъолият дошт. Баъдан сардабири «Сомон», нашрияи Бунёди байналмилалии забони форсии тоҷикӣ шуд ва солҳои дигар дар Ройзании фарҳангии Сафорати Эрон дар Тоҷикистон кор кард. Ин Фаъолияти эҷодии Доро Наҷот аз охири солҳои 60-ум оғоз шуда, нахустин маҷмӯааш «Соҳиби кӯхсор» соли 1979 чоп гардид. Баъдан «Шабнам», «Дарав», «Хирмани махтоб», «Тулуъе дар ғуруб», «Дар он сӯи хобҳо», «Маҳтобе хамида дар рукуъ», «Рӯйиш аз сукут», «Як кашкул ишқ», «Меоям аз шигифт» ва дигар китобхояш ба табъ расиданд. Китобҳои «Лашкаркаши ишқ» ва «Дар кӯчаи Лайлӣ» дар Эрон низ нашр шуданд. Ахиран, бахшида ба 80-солагии шоир "Девони Доро" бо сарсухани Шоири халқии Тоҷикистон Фарзонаи Хуҷандӣ ба табъ расид. Соли 2012 барои маҷмӯаи «Меоям аз шигифт» сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гардид ва соли 2016 унвони Шоири халқии Тоҷикистонро гирифт.

### АЗ ШЕЪРИ СУННАТӢ ТО «ШЕЪРИ ДОРОӢ»

Ҷойгоҳи Доро Наҷотро пеш аз ҳама дар таҳаввули шеъри нави тоҷик бояд ҷуст. Низом Қосим зимни маҳфили 80-солагии шоир роҳи эҷодии ӯро ба масири таҳаввули худи шеъри тоҷик монанд карда буд: аз шеърҳои ибтидоии пайвандdор бо замин, деҳа, кӯҳистон, падари чӯпон ва модари хонабон то ҷустуҷӯҳои навгароёнаи шеъри сапед. Ба андешаи ӯ, рӯ овардани Доро ба таҷрибаи шеъри муосири Эрон ба тақлид наанҷомид, балки шоир ин қолабро бо табиат, тафаккур ва забони тоҷикӣ омехт.

Ҳамин ҷиҳатро Фарзона, Шоири халқии Тоҷикистон хеле дақиқ номгузорӣ кардааст: «Шеъри Доро шеъри нимоӣ нест, шеъри дороӣ аст, шеъри бисёр номукаррар, хос, бесобиқа, асил ва комилан тоҷикона».

«Шеъри дороӣ» танҳо бозии зебои калом нест. Ин таъбир моҳияти сабки Доро Наҷотро мекушояд. Ӯ аз Нимо Юшиҷу таҷрибаи шеъри нави форсӣ омӯхт, вале кӯшид, ки садои дигаре дошта бошад, ки онро метавон ба садои Зарафшон, кӯҳистон, таърихи халқи тоҷик, асотири эронитаборон ва забони зиндаи мардум пайванд дод.

Дар шеъри ӯ тасвир баъзан дар як ҷумла ҷамъ мешавад.

Масалан:

*«Сарлашкарам дар набарди ишқ…».*

Ин «сарлашкар» дар идомаи шеър ҳамзамон нозукӣ ва масъулияти инсонро эҳсос мекунад. Қудрат бо осебпазирӣ паҳлуи ҳам меистанд, ки ин дар дигар шеърҳои шоир ҳам хаст ва онро метавон яке аз усулҳои дӯстдоштаи шоир арзёбӣ кард.

Дар «Ориёно» бошад, таърих, ҳувият ва устура ба забони шеъри модерн медароянд:

*Ориёно!*
*Ай таҳранги нобӣ осмони тамаддун!*
*Дуруд, мар турову дурахши кайгоҳи туро*
*аз Толори ойинаҳо,*
*к-орастаӣ*
*каёранги худишро*
*ба зулоли бомдоди авастоии Худо!…*

Муҳаққиқ Анзурат Маликзод бар ин назар аст, ки Доро Наҷот ба шеъри нави тоҷикӣ на танҳо тасвири тоза, балки захираи нави вожагонӣ ворид кард. Вожаҳои камкорбурди форсии тоҷикӣ, луғоти маҳаллӣ ва сохтаҳои нави шоирона дар ашъораш ба ҷузъи сабк табдил ёфтанд. Ӯро аз ҳамин



ҷиҳат «шоири забонсоз» номидаанд.

Вале устод Доро Наҷот фақат шеъри сапед нагуфтааст. Ӯ яке аз беҳтарин гӯяндагони шеъри суннатӣ ҳам буд. Ин шеърҳо дар маҷмӯаҳои солҳои аввали шоир нашр шуда, хуб истиқбол ҳам ёфтаанд ва сароянdагони номвар солиёни зиёдест, ки онҳоро мехонанд.

**Аз ҷумла устод Зафар Нозим:**

*Нест асло марги мо нобуди мо,*
*Дар фанои мо бувад мавҷуди мо…*

**Ва устод Афзалшоҳи Шодӣ:**

*Ман худамро борҳо миронdаам,*
*Зиндагиро борҳо гирёндаам.*

### ХИДМАТҲОИ ДИГАРИ ДОРО НАҶОТ

Хизмати дигари бузурги устод Доро Наҷот фарҳангнигорӣ аст.

Соли 2012 нашри аввали «Фарҳанги Доро» бо беш аз панҷ ҳазор воҳиди луғавӣ чоп шуд. Шоир солҳои зиёд онро такмил дод ва соли 2021 варианти дуҷилдаи онро бо фарогирии беш аз 25 ҳазор вожа, истилоҳ, таркиб ва ибора ба нашр расонд. Барои ин кор ӯ садҳо осори бадеӣ, фарҳангҳои кӯҳану нав, манбаъҳои решашиносӣ ва таҳқиқоти забоншиносиро мутолиа кардааст.

Худи Доро Наҷот гуфта буд, ки барои тахияи ин фарҳанг тақрибан 25 сол ҷустуҷӯ кардааст. Шоир гуфта буд, ки барои ин кор ангеза он буд, ки замоне бархе доварон вожаҳои ашъори сапедашро душворфаҳм донистанд. Шоир дар посух ба ҷустуҷӯи решаву маънии ҳамин вожаҳо амиқтар рафт ва ин роҳ оқибат ба фарҳангнигорӣ расид.

Доро Наҷот ҳамчунин ба тарҷумаи бадеӣ низ машғул шудааст. Осори Александр Блок, Фёдор Тютчев, Анна Ахматова, Михаил Дудин, Дмитро Павличко, Омон Матҷон ва дигаронро ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Ҳамчун рӯзноманигор, тавре ишора шуд, солиёни зиёд фаъолият карда, осори арзишманди публитсистӣ таълиф кардааст.

Ёдаш ба хайр!

**О. Нозир**

# ДАРГУЗАШТИ РАССОМ НУРАЛӢ СОЛЕҲОВ

**14-уми сентябр рассоми маъруфи тоҷик Нуралӣ Солеҳов дар синни 68-солагӣ аз олам даргузашт.**

Нуралӣ Солехов соли 1958 дар деҳаи Зери Ҳисори Панҷакент ба дунё омадааст. Солҳои зиёд дар шаҳри Душанбе зиндагӣ ва эҷод мекард.

Ӯ Омӯзишгоҳи рассомии Тоҷикистон ба номи Мирзораҳмат Олимовро хатм карда, соли 1981 онро бо ихтисоси графика ва наққошӣ ба анҷом расонидааст. Нуралӣ Солехов солҳои зиёд бо муассисаҳои хунарии кишвар ҳамкорӣ дошт ва 22 сол дар Хазинаи бадеии Тоҷикистон фаъолият кард. Аз соли 1984 узви Иттифоқи рассомони Тоҷикистон буд.

Дар тӯли фаъолияти эҷодӣ ӯ дар намоишҳои сершумори ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ширкат варзида, дар бахшҳои гуногуни санъати тасвирӣ, аз ҷумла наққошӣ, графика, манзаранигорӣ, чеҳранигорӣ, натюрморт, этюд ва қаламкашӣ асар офаридааст.

Нуралӣ Солехов аз ҷумлаи намояндагони шинохтаи санъати тасвирии Тоҷикистон буд, ки анъанаҳои мактаби касбии наққоширо бо ҷаҳонбинӣ ва сабки шахсии худ пайванд дод. Лиризм, самимият, таваҷҷӯҳ ба инсону табиат ва истифодаи унсурҳои фарҳанги миллӣ аз вижагиҳои муҳими осори ӯ ба шумор мерафтанд.



## МАВЛУДНОМА

### 17 СЕНТЯБР

**Семён Липкин** (1911-1998), 115-солагии зодрӯзи шоир, мутарҷим, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Тулқин Хоҷа** (1956-2013), 70-солагии зодрӯзи шоир.

**Кучибой Шукурзода** (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Александр Ясинский** (1921-1988), 105-солагии доктори илми тиб.

### 18 СЕНТЯБР

**Тӯйчӣ Назаров** (1896-1974), 130-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

**Қурбон Ҷалил** (1886-1947), 140-солагии зодрӯзи шоир.

### 19 СЕНТЯБР

**Дилором Ашӯрова** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Азим Додобоев** (1951-1999), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Маҳфузахон Ҳакимова** (1946), 80-солагии олими соҳаи физика.

**Светлана Шамгунова** (1941), 85-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

### 20 СЕНТЯБР

**Ботур Арабов** (1936-2003), 90-солагии зодрӯзи коргардони кино.

**Маҳтоби Зокир** (1956-2001), 70-солагии зодрӯзи шоир.

**Музаффар Неъматов** (1946-2008), 80-солагии зодрӯзи меъмор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Рафтор Сатторов** (1951), 75-солагии зодрӯзи журналист.

**Иноят Ҳидоятов** (1926-2007), 100-солагии зодрӯзи журналист.

### 21 СЕНТЯБР

**Светлана Балхова** (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

**Мирзо Мамадаминов** (1926), 100-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Александр Шойтов** (1921-1997), 105-солагии зодрӯзи адабиётшиноси рус, муҳаққиқи равияи ҷавонмардӣ дар адабиёти форс-тоҷик.

### 22 СЕНТЯБР

**Людмила Лючипи** (1931), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Павел Суханов** (1911-1974), 115-солагии зодрӯзи актёри театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

### 23 СЕНТЯБР

**Сергей Канаш** (1896-1975), 130-солагии зодрӯзи селексионери пахта, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Иосиф Хаимов** (1916-2005), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
(+992) 93 111 08 87

## ФУРӮШИ ХОНА

### 4-ҲУҶРАГӢ

4-хуҷрагии фурӯшӣ, 103 м.м, қабати 7, бинои 9-ошёна, таъмири миёна, Диагностика, назди мағозаҳо, боғча, мактаб, поликлиника ё бо хона дар шаҳри Москва иваз мекунам. Тел.: +7926-643-00-57 (вотсап)

## ИҶОРА МЕДИҲАМ

### ШАБОНАРӮЗӢ

Иҷора медиҳам, 2-хуҷрагӣ, нишонӣ: Донишгоҳи славянӣ. Тел.: 918-85-62-81, Володя

## ТАЪМИРИ ХОНА

Таъмири пурраи хона ва ҳавлӣ. Чидани ҳама гуна кафел, гипсокартон, таҷҳизоти сантехникӣ, устои барқ, корҳои кафшергарӣ. Тел.: 908-00-62-00

## УСТОИ КАФЕЛ

Устои бомаҳорати кафел, таҷҳизоти сантехникӣ. Тел.: 915-58-71-31

## МЕХАРАМ

Қимат мехарам! Қолинҳо, мебелҳо, мошинаи либосшӯӣ ва дарздӯзӣ, флягҳои алюминӣ, баллонҳои газӣ, катҳои якнафара, мизу курсиҳо, дегҳои 100 ва 150 л, штанга, гантелҳо. Тел.: 553-18-76-76

Мехарам, курпа, курпача, қолин, гарнитури хоб, кати хоб, зарфҳо, ҷевони либос, катҳои дуошёна, флягҳо ва дигар чизҳо. Тел.: 901-600-514, 988-28-40-20, 985-56-96-97

## МЕХАРАМ

Мошинаҳои дарздӯзӣ ва либосшӯӣ, кондитсионерҳо, телевизорҳо, оҳан, коғаз, дарҳо, батареяҳо, аккумуляторҳо, зарфҳо, қолинҳо, бонкаҳо, пойафзол, либоси кӯҳна, ҳезум, нони хушк, курпача, фляг, нишонҳо, тангаҳо мехарам. Тел.: 918-38-41-16, 919-40-95-96, 202-46-74-74

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалча, мошинаи либосшӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионер, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалча, мошинаи либосшӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобу анҷом, зарфҳо, дегҳо, танга, мошинаи дарздӯзӣ, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳан, коғаз мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шиносномаи техникӣ ба номи Ярова Муҳабат, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ҳаёти нав, хонаи 120/1, санаи 06.05.2024, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №148731, аз 01.08.2025, ба номи Бобоев Мирзоали Ниёзалиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Лаби Тол, хонаи 94, ки аз ҷониби КДФ "Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул" дар ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ Назиров Шерзод, РЯМ: 0930127101, РМА: 095279762, ки аз 23.01.2016 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникии бинои истиқоматии чудогона ба номи Бустонов Иброҳимхон Бобоқулович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ 21/4, кв. 34, аз санаи 10.11.2022, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникии инвентарӣ, №24124, ба номи ҶСК "Агроинвестбонк", н. Ишкошим, кӯчаи А. Раҳмонӣ, аз санаи 12.02.2009, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1072469, ба номи Ғафуров Муҳаммадҷон Абдулфайзович, ки соли 2022 аз ҷониби МДТ-МУ гимназияи №74-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 9, Т-ШТА №0037723, ба номи Нурова Мунира, ки аз ҷониби МТМУ №11 ба номи Ф. Зарипови н. Рӯдакӣ соли 2005 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Маҷидов Ибодулло Киёмович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. М. Маҳмадалӣ 65/3, кв. 3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлӣ ба номи Маҷидов Ибодулло Киёмович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. М. Маҳмадалӣ 65/3, кв. 1, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

Билети донишҷӯ ба номи Тошов Умарҷон Идибойевич, ки соли 2024 аз ҷониби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтари ҳавлӣ ба номи Раджабов Умарали Худжаевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Д. Барно 67, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ ба номи Маҷидов Ибодулло Киёмович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. М. Маҳмадалӣ 67/5, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

ҶДММ "Маркази Савдои Сада", №0309584, РМА: 040069039, РЯМ: 0410046120, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ "Хизматрасонии Барномаи Омӯзиши Муҳоҷиратии Корея", №0309472, РМА: 020061097, РЯМ: 0210034743, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

Ташкилоти ҷамъиятии «Бону ва технология», РМА: 040072637, рақами бақайдгирӣ: 0002722, даъво ва талаботҳо дар давоми 2 (ду) моҳ аз рӯзи нашри ин эълон дар шакли хаттӣ қабул карда мешаванд.

Кооперативи тиҷоратии Фаррух-2011, РЯМ: 330011281, РМА: 3310007021, воқеъ дар н. Ҷ. Балхӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ «Бари Чинор», РМА: 330015159, РЯМ: 3310011137, ки онро Нозироти андоз дар н. Ҷ. Балхӣ ба қайд гирифтааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУНОГУН

Таъмири яхдонҳо, бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

Пианинои нави олмонӣ мефурӯшам (Zimmermann ва Petrof). Тел.: 915-99-33-30

Таъмири пурраи хона, ҳама намуди сақфҳо (фигурные потолки). Тел.: 177-88-80-80

Хизматгори хона ё кӯдаконро нигоҳубин мекунам. Тел.: 93-157-33-88

PRESSA .TJ
БОХАБАР АЗ ГАПИ ҶАҲОН БОШ!

## БОЗИҲОИ ОСИЁ

# 107 ВАРЗИШГАР ТОҶИКИСТОНРО НАМОЯНДАГӢ МЕКУНАНД

**Бозиҳои XX-уми Осиё аз 19-уми сентябр то 4-уми октябр дар шаҳрҳои Айчӣ ва Нагояи Ҷопон баргузор мегардад.**

Дар мусобиқа варзишгарони 45 кишвари қора барои 469 маҷмуи нишонҳо мубориза мебаранд. Ҳайати Тоҷикистонро дар мусобиқа 107 варзишгар ташкил медиҳад. Варзишгарони тоҷик дар намудҳои шиноварӣ, варзиши сабук, бадминтон, бокс, чудо, қаиқронӣ, рақси варзишӣ, ҷиу-ҷитсу, кураш, карате-до, варзиши электронӣ, тирандозӣ, санъати муҳорибаҳои омехта, теннис, вазнбардорӣ, ушу, куштии тарзи озод - юнону румӣ, таэквондо ВТ, шамшербозӣ ва гимнастика ширкат мекунанд.

Парчамбардори ҳайати Тоҷикистон муштзани маъруф Миҷгона Самадова хоҳад буд. Интихоби Самадова хусусияти рамзӣ дорад. Ӯ яке аз варзишгарони ботаҷрибаи ҳайати кунунӣ ба шумор рафта, таҷрибаи ба даст овардани нишони Бозиҳои Осиёро дорад. Самадова дар Бозиҳои осиёии қаблӣ дар шаҳри Ханчжоуи Чин соҳиби нишони биринҷӣ шуда буд.



## ЧУДО

# ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР HUNGARY GRAND SLAM 2026 КОМЁБ НАШУДАНД

**Аз 11 то 13-уми сентябр дар шаҳри Будапешти Маҷористон мусобиқаи навбатии сайри ҷаҳонии чудо - Hungary Grand Slam 2026 баргузор гардид.**

Дар мусобиқа 504 чудокор аз 67 кишвари ҷаҳон ширкат карданд. Тоҷикистонро 4 чудокор - Абубакр Бокиев (-81 кг), Сунатулло Мусоев (-81 кг), Муҳаммадҷон Абдучалилзода (-90 кг) ва Парвиз Абдураҳмонов (-100 кг) муаррифӣ карданд, аммо комёб нашуданд.

Паҳлавони тоҷик Абубакр Бокиев дар рӯзи дуюми мусобиқа дар даври аввал намояндаи Миср Абдулраҳмон Абдуғаниро шикаст дода, дар даври дуюм мукобили Давид Лима аз Бразилия дастболо гардид. Дар даври ҳаштякниҳой Абубакр бар чудокори мизбон Тоз Бенедек зафар ёфта, дар даври чаҳорякниҳой аз намояндаи Сербия Симин Миҳаҷо дучори бохт гардид ва ба даври тасаллобахш рафт. Дар рақобати тасаллобахш Абубакр бо намояндаи Словения Найс Ҳеркович гӯштин гирифта, дучори бохт гардид ва ба зинаи ҳафтумро ишғол кард.

Сунатулло Мусоев дар вазни дигари то 81 кг дар даври аввал озод буда, дар даври дуюм аз Хоҷо Йошитои ҷопонӣ шикаст хӯрд ва аз идомаи рақобатҳо бенасиб монд. Муҳаммадҷон Абдучалилзода дар вазни то 90 кг дар даври аввал бо чудокори мизбон Кис Левенте гӯштин гирифта, шикаст хӯрд. Парвиз Абдураҳмонов дар вазни то 100 кг дар даври аввал чудокори қазоқ Аскар Биржановро мағлуб карда, дар даври дуюм аз намояндаи Лаҳистон Михал Еджевский дучори бохт гардид.

Ҳамин тавр, чудокорони тоҷик мусобиқаи Hungary Grand Slam 2026-ро бидуни нишон ба анҷом расониданд. Аз ҳисоби медалҳо Ҷопон бо 3 медали тило, 1 нуқра ва 3 биринҷӣ дар зинаи аввал қарор гирифт. Русия бо 2 нишони тило, 2 нуқра ва 1 биринҷӣ дуюм шуд. Исроил бо 2 нишони тило ва 1 биринҷӣ сеюм шуд.




## ҶИУ-ҶИТСУ

# 77 НИШОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ TASHKENT INTERNATIONAL JIU-JITSU CHAMPIONSHIP

**Варзишгарони тоҷик дар шаҳри Тошканд, ки дар он ҷо намояндагони кишвар дар Чемпионати байналмилалии ҷиу-ҷитсуи Тошканд-2026 ширкат варзиданд, шумораи зиёди нишонҳоро ба даст оварданд.**

Натиҷаҳо хеле назаррас буда, дар маҷмуъ 77 нишонро ташкил доданд. Шумораи ҷоизаҳои олӣ махсусан қобили таваҷҷуҳ буд, ки варзишгарони тоҷики риштаи ҷиу-ҷитсу 34 нишони тило ба даст оварданд. Инчунин, даста соҳиби 24 нишони нуқра ва 19 медали биринҷӣ шуд. Барои варзишгарони ҷиу-ҷитсуи Тоҷикистон ҷолишҳои боз ҳам бузургтар дар пешанд. Варзишгарони беҳтарини кишвар барои ширкат дар Бозиҳои 20-уми Осиё ба Ҷопон сафар карданд, ки дар он ҷо сатҳи рақобатҳо комилан дигар хоҳад буд.

Аз ин рӯ, 77 нишони дар Тошканд бадастовардашуда на поёни мавсим, балки марҳилаи муваффақи дигар дар роҳи ичрои ҳадафи бузург ва пайваста маҳсуб меёбад. Дастаи тахти роҳбарии Комил Боймуродов бо касби 34 нишони тило, 24 нуқра ва 19 биринҷӣ, талошҳои худро барои омодагӣ ба муҳимтарин мусобиқаҳои сол идома медиҳад.



## РЕЗААХБОР



Варзишгарони тоҷик дар Чемпионати 24-уми каратеи Осиё (WKF) миёни наврасон ва ҷавонон (то 21-сола), ки дар Урдун баргузор гардид, иштирок карда, як нишони тило ва як биринҷӣ ба даст оварданд. Мусобиқа аз 8 то 11-уми сентябр доир шуда, 338 варзишгарро аз 30 кишвар гирди ҳам овард. Маҳсатулло Муминов дар вазни то 55 кг соҳиби нишони тило шуд ва Алишер Султонов нишони биринҷиро ба даст овард.

***

Дар Лигаи якуми Чемпионати футболи Тоҷикистон дастаи «Саройкамар» бо 49 имтиёз пешсаф аст. «Панҷшер» бо 42 хол дуюм асту «Хулбук» бо 40 имтиёз дар зинаи сеюм қарор дорад. Дастаи «Норак» барои дар бозиҳо ширкат накардан аз чемпионат берун карда шуд. Дар се зинаи охир дастаҳои «Мастчоҳ», «Чилликӯл» ва «Исфара» ҷой гирифтаанд.

***

Дар чемпионати CAFA-2026, ки дар Тошканд шурӯъ шуд, дастаи мунтахаби духтарони футболбози Тоҷикистон дар бозии якум аз дастаи Ӯзбекистон (0:1) шикаст хӯрд. Дар идома даста бо Эрон (17-уми сентябр) ва Қирғизистон (19-уми сентябр) бозӣ мекунад. Мусобиқа аз рӯйи низоми даврӣ дар як марҳала баргузор шуда, ҳар як мунтахаб се бозӣ анҷом медиҳад. Ҳамаи вохӯриҳо дар варзишгоҳи «Дӯстлик»-и шаҳри Тошканд баргузор мешаванд.

***

Дастаи «Хуҷанд» дар даври 17-уми Чемпионати футболи Тоҷикистон дар майдони худ дастаи пешсафи Лигаи олӣ «Истиқлол»-и Душанберо шикаст дод. Голи задаи Даврон Эргашев ба хуҷандиҳо пирӯзӣ овард.

***

Федератсияи байналмилалии нард (IBF) аз мусобиқаи ҷаҳонии Asian Grand Prix хабар дод, ки аз 5 то 11-уми октябр дар Душанбе баргузор хоҳад шуд. Ҳазинаи мусобиқа 500 ҳазор доллар аст. Федератсияи байналмилалии нардро Умар Кремлёв, ки зодаи Тоҷикистон аст, роҳбарӣ мекунад. Яке аз давраҳои Asian Grand Prix моҳи марти имсол дар Тошканд баргузор шуда буд.




## РӮЙХАТ

Мард ба зан:
- Занак, ин коғази додагиат барои чӣ аст?
Зан:
- Ин рӯйхати ҷанҷолҳоямон барои хафтаи оянда!

## ИСМИ НИМҶОН

Дарси забони тоҷикӣ. Омӯзгор аз Мурод мепурсад:
- Кампир исми ҷондор аст ё беҷон?
Мурод:
- Исми нимҷон, муаллим.

## ФОҶЕА

Писарбача китоберо мутолиа карда, аз падараш мепурсад:
- Дада, ман ҳеҷ нафаҳмида истодаам, ки асари "Ревизор" мазҳака аст ё фоҷеа?
Падар дар ҷавоб:
- Агар ревизор худӣ бошад, мазҳака, лекин агар ношинос бошад, фоҷеа аст.

## ҚИШЛОҚИҲО

Талабае аз омӯзгор мепурсад:
- Муаллим, чаро баъзеҳо ҳангоми гапзанӣ нон - пон, мева - чева, занак - панак, гов - пов мегӯянд?
Омӯзгор дар ҷавоб:
- Онҳо ҳамон қишлоқиҳо - пишлоқиҳоянд, ки савод - павод надоранд.

## ҶОНИ ОДАМ

Бемор аз табиб мепурсад:
- Духтур, ҷони одам дар куҷояш аст?
- Аниқ намедонам, аммо тахминан дар зери шошадонаш бояд бошад.
- Чӣ хел?
- Ана ҳамин хел, пешоб мекуниву роҳат мекунӣ.

## ТАЛХ

Табиб аз бемор мепурсад:
- Чаро шумо доруҳоятонро наменӯшед?
- Охир, захр барин талханд.
Табиб:
- Ҳеҷ гап не, вақти доруҳӯрӣ тасаввур кунед, ки коняк нӯшида истодаед.
Бемор:
- Бехтараш ман коняк менӯшаму тасаввур мекунам, ки дору нӯшида истодаам.

## МАКТАБ

Субҳ писарбачае ба мактаб дер мекунад. Модараш ҳар замон таъкидкунон мегӯяд:
- Писарам, дер шуд охир, зудтар либосатро пӯш!
Писар дар ҷавоб мегӯяд:
- Оча, ташвиш накашед, дари мактаб то бегоҳ кушода аст!

## ДУО

Дар масҷид мардҳои тотор ва бошқирд намоз мехонанд. Марди тотор мешунавад, ки бошқирд аз Худованд 1000 сомонӣ талаб дорад, дилаш сӯхта, ба ӯ 500 сомонӣ хайр мекунад. Бошқирд пулро гирифта, бори дигар даст ба дуо мебардорад:
- Худовандо! Ту дигар пулро тавассути ин марди тотор равон накун, ӯ нисфи пулро ба кисаи худаш зад!

## ДАСТГИРӢ

- Алло, ин хадамоти дастгирӣ аст?
- Бале, чӣ ҳодиса рух дод?
- Ман ба кор рафтан намехоҳам.
- Шуморо дастгирӣ мекунем!

## СИМО

Дар кошонаи ҳусн:
- Барои ман маникюри мисли Шабнами Сурайё, макияжи мисли Фарзонаи Хуршед, педикюри мисли Зулайхоро кунед!
Машшота бо тамасхур:
- Рӯятон ба мисли Бобои Қанд истодан гирад мӣ?

## СУРУД

Афандӣ ба мошине савор шуда, ба ронанда мегӯяд:
- Ако, ягон суруд монед, охир!
Ронанда бо қаҳр:
- Чӣ, ту барои суруд гӯш кардан ба мошин нишастӣ?
Афандӣ мегӯяд:
- Не, барои рақсидан!

## ПУРСИШ

Марде ба рафиқаш дарди дил мекунад:
- Тамоми кормандони БДА танҳо як савол доранд.
- Нӯшидай?
Рафиқаш мегӯяд:
- Дуруст мепурсанд ку, боз чиро бояд пурсанд?
Мард мегӯяд:
- Ақаллан ягон нафараш намепурсад, ки хӯрок хӯрдай?

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

